Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№26 (12560)
2 июл
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



Бигзор, сулҳу оромӣ дар ҷаҳон ҳамеша пойдор бошад!

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ

26.06.2026, шаҳри Душанбе

Ҳамватанони азиз!

Имрӯз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми сулҳпарвари ҷаҳон рӯзи таърихӣ ва хотирмон мебошад.

Дирӯз ташаббуси нави Тоҷикистон таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» бо қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид.

Ба муносибати ин рӯйдоди таърихӣ мардуми сулҳпарвари кишварро самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, ба ҳамаи кишварҳои дӯст, шарикон ва созмонҳои байналмилалӣ, ки пешниҳоди Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карданд ва ба қабули ин қатъномаи муҳимми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мусоидат намуданд, сипоси амиқ иброз менамоям.

Қатънома зарурати таҳкими фарҳанги сулҳ, пешгирӣ кардани низоъҳо, тақвияти таҳаммулгароӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва густариши гуфтугӯи тамаддунҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун заминаи зиндагии шоистаи наслҳои оянда таъкид менамояд.

Санади мазкур аз ҳамаи давлатҳо даъват менамояд, ки дар роҳи расидан ба сулҳи пойдор ва арҷгузорӣ ба он дар ҳамаи сатҳҳо – аз оила, ҷомеа, кишвар ва минтақа то муносибатҳои байналмилалӣ талош варзанд.

Вобаста ба ин, мо бояд дар навбати аввал, ба наврасону ҷавонон, ки созандагони ҷаҳони фардо мебошанд, омӯзонем, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест.

Сулҳ фарҳанг аст.

Сулҳ масъулият аст.

Сулҳ эҳтиром ба шаъну шарафи инсон аст.

Сулҳ таъмин намудани адолат ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи инсоният аст.

Аз ин лиҳоз, сарнавишти наслҳои оянда ба тасмимҳое, ки мо имрӯз мегирем, вобаста мебошад.

Мо вазифадорем аз худ ҷаҳоне ба мерос гузорем, ки дар он наслҳои ояндаи инсоният дар фазои сулҳу оромӣ имкони ҳамзистӣ, рушд ва ҳамкориро дошта бошанд.

Дар робита ба ин, мо чунин мешуморем, ки ҳалли ҳама гуна мушкилоти ҷаҳонӣ танҳо аз роҳи муколама ва ҳамкории созанда имконпазир аст.

Ҳамдиёрони гиромӣ!

Барои Тоҷикистон мавзуи сулҳ танҳо як масъалаи рӯзномаи байналмилалӣ нест.

Мардуми тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ ҳамчун меросдорони тамаддуни ориёӣ арзишҳои ҳамзистии осоишта, таҳаммулгароӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳоро ҳифз кардаанд ва гиромӣ доштаанд.

Бояд гуфт, ки кишвари мо дар солҳои аввали истиқлол бо доштани чунин арзишҳои бузурги меросӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд.

Ин ҷанг ба иқтисодиёту иҷтимоиёт ва рушди умумии давлатамон зарбаи даҳшатнок ворид кард.

Вале мо ба шарофати хираду миллӣ ва фарҳанги сулҳпарваронаи мардумамон тавонистем аз вартаи ҷанг раҳо ёфта, раванди давлатсозии муосирро оғоз намоем.

Дар натиҷаи саъю талошҳои зиёд сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ дар диёри мо барқарор гардид ва ба пояи асосии рушди минбаъдаи кишвар табдил ёфт.

(Давомаш дар саҳ. 2)

ДАР ИН ШУМОРА

3 Тиргон – рамзи ҳамбастагӣ, сулҳ ва дӯстӣ

6-7 СУЛҲ БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА
(Дар ҳошияи ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»)

8 Технологияи муосири рақамӣ ва китобҳои дарсӣ

9 То илму хирад оинапардоз шавад...

10 ЛОЛА ВА СИЁВУШ – РАМЗИ МУҚАДДАСИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

12 Таҳкими ислоҳоти зиддикоррупсионӣ

13 Ноҳияи Айнӣ: дастовард ва мушкилот

14 Шараф тоҷи сари ӯст

ТАВАҶҶУҲ

Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.

QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.

FACEBOOK TELEGRAM

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Бигзор, сулҳу оромӣ дар ҷаҳон ҳамеша пойдор бошад!

(Аввалаш дар саҳ. 1)

Яъне, сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсие, ки имрӯз дар кишвари мо ҳукмфармост, ба осонӣ ба даст наомадааст.

Пешрафт дар ҳама соҳаҳои иқтисоди миллӣ, илму маориф, тандурустиву фарҳанг ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ, инчунин, нақши фаъол дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла, рӯзномаи байналмилалии об ва ҳифзи пиряхҳо дастовардҳое мебошанд, ки ба мо аз баракати сулҳу субот муяссар гардиданд.

Қобили зикр аст, ки сарчашмаи пешравӣ ва ташаббусҳои мо арзишҳо ва анъанаҳои деринаи ҳамзистии осоишта мебошанд, ки дар ҷомеаи тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ташаккул ёфтаанд.

Сарзамине, ки дар марзи фарҳангҳо, забонҳо ва анъанаҳои гуногун қарор дошт, дар тӯли замон ба чорроҳаи ҳамзистиву ҳамкорӣ, таҳаммулгароӣ ва арҷгузорӣ ба забону фарҳанг ва урфу одатҳои ҳамдигар табдил ёфт.

Маҳз ҳамин мероси ғании фарҳангӣ, ки дар домани тамаддуни ориёӣ ташаккул ёфтааст, имрӯз барои пешбурди ташаббусҳои сулҳофарини Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам овардааст.

Дар ин замина, бо ибтикори Тоҷикистон ва дастгирии кишварҳои ҳамфикр соли гузашта дар Конфронси генералии ЮНЕСКО қатъномаи «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи башар ва гуногунрангии фарҳангӣ» қабул гардид, ки аз решаҳои амиқи таърихии арзишҳои сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар тамаддуни бостонии аҷдоди мо гувоҳӣ медиҳад.

Мусаллам аст, ки тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангӣ ва дигар мардумони форсизабон дар рушди илму маърифат ва тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштаанд.

Заминагузорони ин ганҷинаи ниҳоят арзишманд олимону файласуфон, шоирону нависандагон ва мутафаккироне буданд, ки мероси нодиру камназири онҳо аз василаҳои пешбарандаи илму фарҳанги инсоният маҳсуб меёбад.

Ҳамдиёрони гиромӣ!

Дар ин лаҳзаҳои хотирмон мову шумо, ҳамчунин, дар арафаи боз як ҷашни дигар – Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои миллати тоҷик дар даврони Истиқлоли давлатӣ мебошад, қарор дорем.

Кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ин ҷашн низ самимона табрик мегӯям.

Имсол Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки рамзи пирӯзии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва кафолати рушди бесобиқаи кишварамон мебошад, дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузург ва муқаддаси 35-солагии Истиқлоли давлатӣ баргузор мегардад.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории тоҷикон санаи воқеан сарнавиштсози баҳамоиву сарҷамъии миллати тоҷик ва расидан ба сулҳу суботи пойдор мебошад.

Мо – мардуми Тоҷикистон арзиши бебаҳои неъмати сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро замоне дарк кардем, ки мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидем.

Бинобар ин, мардуми мо даҳшату фоҷеаҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузаштаро ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Лозим ба ёдоварист, ки хишти аввали бинои сулҳу ваҳдати миллии мо ҳанӯз дар Иҷлосияи 16-уми таърихиву тақдирсози Шӯрои Олии кишвар гузошта шуда буд.

Маҳз бо шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ дар кишварамон заминаи боэътимоди ҳифзи Истиқлоли давлатӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистони тозаистиқлол гузошта шуд.

Ваҳдати миллӣ, ки ғояи асосии давлати навбунёди моро ташкил медиҳад, шарти асосии оромиву осоиши мардуми шарифи кишвар, муҳимтарин омили рушди ҷомеа ва амалӣ гардидани тамоми нақшаву тадбирҳои созандаи мо мебошад.

Имрӯз мо ба хотири бунёди ҷомеаи сифатан наве талош дорем, ки ба талаботи замонаи пешрафту дигаргуниҳо ҷавобгӯ бошад ва имкон диҳад, ки мардуми тоҷик ва давлати тоҷикон баробари ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон қадам гузоранд ва пеш раванд.

Мо бояд ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва махсусан, наврасону ҷавонон, омӯзиши техникаву технологияҳои муосир, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, омода кардани кадрҳои сатҳи баланди касбӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ диҳем.

Дар ин раванд, як нуктаи муҳимро ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати аҳли ҷомеа муҳимтарин роҳи пешгирӣ кардани ҷаҳолату хурофот, таҳкими амнияту субот ва таъмин намудани пешрафту тараққиёти давлат мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадафҳои нек ба мо, пеш аз ҳама ва муҳимтар аз ҳама, сулҳу амният, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ зарур аст.

Дар робита ба ин, таъкид мекунам, ки хусусан, дар шароити пурихтилофу зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ҳамбастагии миллӣ аҳаммияти фавқулода муҳим дорад.

Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» моро водор месозад, ки ба оянда бо масъулияти бештар назар кунем.

Вазифаи мо аз он иборат аст, ки арзишҳои сулҳ, таҳаммулгароӣ, фарҳанги муколама ва эҳтиром ба гуногунрангиро ба наслҳои ҷавон мерос гузорем.

Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем ҷомеае бунёд намоем, ки дар он сулҳу суботи комил, амният ва некуаҳволии инсон барои солҳои зиёд таъмин гардад.

Мо ният дорем, ки соли оянда дар арафаи 30-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо мақсади оғоз бахшидан ба «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва кишварҳои шарик дар шаҳри Душанбе конфронси байналмилалии сатҳи баландро баргузор намоем.

Бо итминони комил иброз медорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон минбаъд низ ба қадру манзалати сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ мерасанд ва барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо, ки амалӣ гардидани нияту орзуҳои неки ҳар як фарди ҷомеа аз он вобаста мебошад, боз ҳам бештар талош мекунанд.

Бо умеди ояндаи ободу осудаи Тоҷикистони азиз ҳамаи шумо – ҳамдиёрони гиромӣ ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бори дигар ба ифтихори қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» ва ҷашни фархундаи Рӯзи Ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломативу саодат ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

Бигзор, ин қатънома ҳамчун санади муҳимми байналмилалӣ ба таҳкими дӯстиву ҳамкории байни халқҳо, густариши фарҳанги сулҳ ва бунёди ҷаҳони амну осуда барои наслҳои имрӯзу оянда мусоидат намояд!

Бигзор, сулҳу оромӣ дар ҷаҳон ҳамеша пойдор бошад ва ояндаи башарият бар пояи адолат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ устувор гардад!

Истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббуси сулҳҷӯёнаи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

ТАШАББУСИ ҶАҲОНӢ

Бегоҳии 25 июн Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи махсусро аз рӯйи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул намуд. Тавассути қатъномаи мазкур давлатҳои узв уҳдадории муштараки худро ҷиҳати пешбурди сулҳ, муколама ва ҳамбастагии байни наслҳо ҳамчун пояҳои муҳимми таъмини некӯаҳволии наслҳои оянда тасдиқ карданд.

Дар қатънома ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи СММ, ба вежа, иродаи «нафъоти наслҳои оянда аз офати ҷанг» ва уҳдадории ҳалли мусолиматомези баҳсҳо бозтоб ёфтааст. Он, инчунин, аҳаммияти Эъломия ва Барномаи амал оид ба фарҳанги сулҳро ҳамчун ваколати умумиҷаҳонӣ барои таблиғи фарҳанги сулҳ ва адами хушунат эътироф менамояд.

Тибқи муқаррароти ин санад, Маҷмаи Умумӣ солҳои 2027-2036-ро ҳамчун «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» эълон кардааст. Ҳадафҳои асосии қатънома аз мусоидат ба таҳкими сулҳ, ташвиқи муколама ва мусолиҳа, инчунин, дастгирии таомул миёни наслҳо, аз ҷумла, кӯдакон, ҷавонон ва пиронсолон, бо назардошти ниёзҳо ва манфиатҳои наслҳои оянда, дар таҳияи сиёсат ва равандҳои қабули қарорҳо иборат мебошанд.

Қабули Қатъномаи СММ зери унвони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»



Қатънома саҳми давлатҳои узв, роҳбарон ва халқҳоеро, ки тавассути равандҳои сиёсии фарогир, чораҳои эътимодбахш, баркарорсозии пас аз низоъ ва сармоягузориҳои дарозмуддат ба ваҳдати иҷтимоӣ дар таҳкими сулҳ, оштӣ, муколама ва Ваҳдати миллӣ саҳм гузоштаанд, истиқбол мекунад. Қатънома хотиришон месозад, ки ин таҷрибаҳои миллӣ ҳамчун манбаи арзишманди илҳомбахшӣ барои наслҳои имрӯза ва оянда хизмат мекунад.

Илова бар ин, дар қатънома аз уҳдадориҳои зимни Саммити оянда дар соли 2024 қабулшуда, инчунин, аз қабули «Паймони оянда», ки дар он кишварҳои узв баҳри тақвияти ҳамкорӣ ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои наслҳои оянда уҳдадор шудаанд, истиқбол карда мешавад. Дар он, инчунин, таҳаввулоти мусбат дар Осиёи Марказӣ, хусусан, талошҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар амри ҳалли мусолиматомези масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҷумла, имзои созишномаҳои дахлдор истиқбол карда мешавад.

Қатънома аз Дабири кул, ниҳодҳои махсусгардонидашуда, комиссияҳои минтақавӣ ва дигар ниҳодҳои СММ дархост менамояд, ки ҷиҳати татбиқи қатънома дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳо ва ҷонибҳои манфиатдор мусоидат кунанд. Аз давлатҳои узв, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шарикон ҷиҳати дастгирии татбиқи қатънома, аз ҷумла, табодули таҷрибаву дониш даъват ба амал оварда шудааст.

Шоёни зикр аст, ки қабули қатъномаи мазкур бо ташаббуси навбатии Роҳбари давлати мо дар Маҷмаи Умумии СММ ба шароите рост меояд, ки дар минтақаҳои гуногуни сайёра миллионҳо нафар мардуми осоишта ба хавфу таҳдидҳои гуногуни амниятӣ ва ҷангҳои хонумонсӯз дучор мебошанд. Он, бешак, аз нақши сулҳофару ваҳдатпарвари миллати тоҷик сарчашма гирифта, ҳамакнун саҳме дар таҳкими пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии фарҳанги сулҳ хоҳад буд.

Гузашта аз ин, иқдоми мазкур аз сӯйи шахсияте ба мисли Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлате, ки мардумонаш даҳшати ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд, ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ мерасанд ва сабақҳои талхи он фоҷиаи миллиро ҳаргиз фаромӯш намекунанд, амри саривақтӣ ва зарурӣ мебошад.

www.president.tj

Соли 2027 дар Тоҷикистон Конфронси байналмилалӣ доир ба «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» баргузор мешавад.

СУННАТИ НИЁГОН

Тиргон – рамзи ҳамбастагӣ, сулҳ ва дӯстӣ

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Тиргон

28.06.2026

Ҳамватанони азиз!

Фарорасии яке аз ҷашнҳои қадимаи қавмҳои ориёӣ – Тиргонро, ки бо обу борон, хуррамиву баракат ва дӯстиву ҳамкории инсонҳо пайванди ногусастанӣ дорад, ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон табрик мегӯям.

Тиргон дар радифи дигар ҷашнҳои миллиамон – Сада, Наврӯз ва Меҳргон аз фарҳангу тамаддуни бостонии ниёгони мо дарак медиҳад.

Ин ҷашнҳо на танҳо таҷассумгари ҷаҳонбинӣ, фарҳанги кишоварзӣ, эҳтиром ба табиат ва арзишҳои инсондӯстонаи аҷдоди тоҷиконанд, балки ҳалқаи пайванди ниёгони мо бо наслҳои имрӯзаву ояндаи миллатамон мебошанд.

Тиргон, ки ҳазорсолаҳо инҷониб дар рӯзи сездаҳуми моҳи Тир ҷашн гирифта мешавад, ойини бузургдошти неъмати об, шукргузорӣ аз бориши борон, пухтани ҳосили зироатҳо, аз ҷумла, гандум ва ҷашни заҳмати деҳқон ба шумор меравад.

Дар ин рӯз мардум бо баргузории ойинҳои суннатӣ орзуи фаровонӣ, ободӣ ва тандурустӣ мекунанд.

Имрӯз ҷашни Тиргон ҳамчун бахше аз мероси фарҳангӣ ва ҳувияти таърихии мардумони ориёинажод, аз ҷумла, форсизабонон, рамзи ҳамбастагӣ, сулҳ, дӯстӣ бо табиат ва гиромидошти суннатҳои ниёгон маҳсуб мешавад.

Як нуктаро борҳо таъкид кардаам ва ҳоло бори дигар хотиррасон месозам, ки ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон асоси ҳувияти миллии мо буда, ҳамчун мероси арзишманди фарҳангӣ бояд ҳифз ва ба наслҳои оянда ба мерос гузошта шаванд.

Ба шарофати Истиқлоли давлатӣ, талошҳои пайгиронаи давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи кишварамон имрӯз



арзишҳои фарҳангии гузаштагони мо эҳё гардида, дар ҳаёти ҷомеа ҷойгоҳи шоистаи худро пайдо кардаанд.

Фалсафаи Тиргон аз он иборат аст, ки ниёгони тоҷикон ҳанӯз дар даврaҳои қадим аҳаммияти ҳаётбахши обро дар зиндагӣ ва рушди ҷомеа, кишоварзӣ ва пешрафти тамаддунҳо амиқан дарк мекардаанд.

Имрӯз низ Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дар соҳаи об ва ҳифзи пиряхҳо, яъне, сарчашмаи об кишвари пешсаф буда, пайваста тадбирҳои сатҳи баландро доир ба ҳалли мушкилоти глобалӣ дар ин самт роҳандозӣ менамояд.

Боиси сарфарозист, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои байналмилалии кишвари моро дар самти ҳифзи захираҳои об ва истифодаи оқилонаи онҳо дар саросари ҷаҳон ҷонибдорӣ мекунад.

Қобили зикр аст, ки пуштибонӣ аз ташаббусҳои Тоҷикистон, дар айни замон, эътирофи арзишҳои таърихиву фарҳангии тоҷикон аст.

Бо дарназардошти он, ки ҷашни Тиргон дар фарҳанги ниёгони мо рамзи эҳтиром ба об ва неъматҳои табиат мебошад, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ифодаи муосири ҳамин ҷаҳонбинӣ ва масъулияти инсоният дар назди наслҳои оянда мебошанд.

Баргузории Конфронси чаҳоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бори дигар нишон дод, ки масъалаи об на танҳо мавзуи иқтисодиву экологӣ, балки омили муҳимми таъмини сулҳ, амният, рушди устувор ва ҳамкории байни давлатҳо ба шумор меравад.

Мо ифтихор дорем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол тавонист анъанаҳои неки фарҳангии гузаштагонро бо ҳадафҳои рушди устувори ҷаҳонӣ пайваст намояд.

Тиргон, тавре ки зикр гардид, ҷашни кишоварзон низ маҳсуб ёфта, рамзи заҳматдӯстӣ, фаровонӣ, эҳтиром ба замин ва неъматҳои табиат мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, истифодаи самараноки обу замин ва заҳмати софдилона дар фарҳангу ойинҳои миллии мо мақоми махсус дорад.

Имрӯз низ рушди соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат буда, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳадафи асосии мо ба шумор меравад.

Итминони комил дорам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон бо такя ба суннатҳои неки аҷдодӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ барои пешрафти боз ҳам бештари кишвари маҳбубамон талош менамоянд ва ҷашну ойинҳои бостонии миллиро гиромӣ медоранд.

Бовар дорам, ки ҷашни бостонии Тиргон ва ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об моро ба ҳифзи захираҳои табиат, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ва бунёди ҷаҳони ободу осуда раҳнамун месозанд.

Бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати ҷашни Тиргон самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат тандурустӣ, сулҳу оромӣ, ризқу рӯзии фаровон ва саодати зиндагӣ орзу менамоям.

Ҷашни Тиргон муборак, ҳамдиёрони азиз!

www.president.tj

ҲАМОИШ

Самараи сиёсати сулҳпарварона Пешвои миллат

26 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036», ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, ҳамоиш баргузор шуд.

Дар ҳамоиш вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм зимни ифтитоҳи ҳамоиш қабули ин қатъномаро рӯйдоди муҳимми таърихӣ ва дастовардӣ навбатии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар мақому нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва ташаббускори масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳон таҳким бахшид.

Зикр гардид, ки қабули ин санади байналмилалӣ дар арафаи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ аҳаммияти рамзии хос дошта, маҳз сулҳу ваҳдати миллӣ барои Тоҷикистон заминаи рушди устувор, пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва иштироки фаъолона дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳониро фароҳам овардааст.

Вазир бо истинод ба Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд: «Сулҳ танҳо набудани ҷанг нест. Сулҳ фарҳанг аст. Сулҳ масъулият аст. Сулҳ эҳтиром ба шаъну шарафи инсон аст. Сулҳ таъмин намудани адолат ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи инсоният аст». Ба таъкиди вазир, ин андешаҳо моҳияти воқеии ташаббуси Тоҷикистонро таҷассум намуда, барои низоми маориф низ вазифаҳои навро дар самти тарбияи насли сулҳпарвар, ватандӯст ва дорои фарҳанги баланди шаҳрвандӣ муайян месозанд.

Дар ҳамоиш гуфта шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат тавонист сиёсати хориҷии худро бар пояи сулҳ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ роҳандозӣ намояд ва ташаббусҳои байналмилалии кишвар дар самтҳои об, рушди устувор, ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва дигар масъалаҳои глобалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди пуштибонӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки муассисаҳои таълимӣ дар татбиқи ҳадафҳои даҳсолаи байналмилалии нав нақши калидӣ дошта, бояд тарбияи ҷавононро дар рӯҳияи сулҳпарварӣ, таҳаммулгароӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин, муқовимат ба ҳама гуна зуҳуроти ифротгароӣ боз ҳам тақвият бахшанд.

Сипас, сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Вазорати маориф ва илм А. Ҷӯразода дар мавзуи «Ташаббуси Пешвои миллат оид ба қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» маърӯза намуд. Мавсуф зимни баромади худ аҳаммияти сиёсӣ ва таърихии ташаббуси нави байналмилалии Пешвои миллатро таҳлил намуда, иброз дошт, ки он идомаи мантиқии сиёсати сулҳпарваронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба таҳкими сулҳи байналмилалӣ, рушди муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагии байни наслҳо мусоидат менамояд.



Қайд карда шуд, ки Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз се даҳсолаи соҳибистиқлолӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва масъули ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, бо ибтикори Пешвои миллат як қатор қатъномаҳои муҳимми Созмони Милали Муттаҳид дар самтҳои об, рушди устувор ва тағйирёбии иқлим қабул шудаанд.

Дар маърӯза, ҳамчунин, таъкид гардид, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон имрӯз ҳамчун намунаи муваффақи ҳалли низоъҳо тавассути музокирот ва ризоияти миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст. Аз ин рӯ, пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» пешниҳоди кишвараст, ки арзиши сулҳро бо таҷрибаи худ дарк намуда, мехоҳад ин таҷрибаро ба манфиати тамоми башарият истифода барад.

Дар фарҷоми ҳамоиш иштирокчиён қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳидро дастоварди бузурги сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самараи сиёсати хирадмандонаву сулҳҷӯёнаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ намуда, омодагии худро барои саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои он ва тарбияи насли дорои маърифати баланд, фарҳанги сулҳ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ изҳор доштанд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

30 июн дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ – омили рушди давлати ҳуқуқбунёд» баргузор шуд.

Кибр онро, ки расмвор шавад,
Шак маёвар дар ин, ки хор шавад!
Камолиддини Биноӣ

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Британияи Кабир



23 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Кэтрин Смиттон баргузор гардид.

Дар мулоқот, инчунин, намояндагони Сафорати Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъулини Вазорати маориф ва илм иштирок намуданд.

Зимни истиқболи меҳмонон вазири маориф ва илм аз рушди муносибатҳои дӯстона ва шарикии судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, бахусус, дар самти маориф, илм ва таҳсилоти олӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид кард, ки ҳамкориҳои ду кишвар бар пояи эҳтироми мутақобил, манфиатҳои муштарак ва эътимоди байниҳамдигарӣ рушд ёфта, имрӯз ба марҳалаи нави ҳамкориҳои амалӣ ворид гардидааст.

Зикр гардид, ки яке аз рӯйдодҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ, Иттиҳод ва рушди Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои илм, таҳсилоти олӣ ва забони англисӣ барои ҳадафҳои махсус мебошад, ки 26 феврали соли 2026 дар шаҳри Лондон ба имзо расидааст. Санади мазкур барои тавсеаи ҳамкорӣ дар самтҳои рушди таҳсилоти олӣ, таҳқиқоти илмии муштарак, такмили омӯзиши забони англисӣ, табодули академии донишҷӯён ва омӯзгорон, баланд бардоштани сифати таҳсилот, инчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва рақамикунонии низоми маорифи кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар идома вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаҳои маориф ва илм, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омодасозии мутахассисони рақобатпазир ва мутобиқсозии низоми таълим ба стандартҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи Британияи Кабир барои рушди минбаъдаи соҳаи маорифи кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ҷонибҳо бо қаноатмандӣ аз густариши ҳамкориҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳҳои бонуфузи Британияи Кабир ёдовар шуда, рушди робитаҳо бо Донишгоҳи Оксфорд, Донишгоҳи Кембриҷ, Донишгоҳи Вестминстер, Агентии кафолати сифати таҳсилоти олӣ (QAA), Шурои Британия ва дигар муассисаҳои илмӣ ва таълимиро намунаи равшани таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба арзёбӣ намуданд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои иштироки ҳайати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми ҷаҳонии маориф - 2026, ки дар шаҳри Лондон баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин замина, масъалаҳои таъсиси филиал ё намояндагии яке аз донишгоҳҳои бонуфузи Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди барномаҳои муштараки таълимӣ, татбиқи барномаҳои дудиплома, рақамикунонии соҳаи маориф, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим, такмили ихтисоси омӯзгорон ва рушди таҳсилоти фарогир муҳокима шуданд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои минбаъда дар самтҳои татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, рушди таҳсилоти рақамӣ, такмили низоми арзёбии сифати таҳсилот дар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ, афзоиши барномаҳои табодули академии донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин, таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва инноватсионӣ иброз намуданд.

Дар навбати худ, Сафири Фавқулода ва Мухтори Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Кэтрин Смиттон омодагии ҷониби Британияро барои идомаи ҳамкориҳои судманд дар самти рушди маориф, таҳсилоти олӣ, омӯзиши забони англисӣ, таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак таъкид намуда, аз дастовардҳои Тоҷикистон дар самти ислоҳоти соҳаи маориф ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ истиқбол кард.

Дар фарҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ, тавсеаи робитаҳои мустақими байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва татбиқи ташаббусҳои муштарак баён намуда, изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар соҳаҳои маориф ва илм такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

30 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи навбатии ҳайати мушовара баргузор гардид. Дар кори ҷаласа муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат иштирок намуданд.

Масъалаҳои таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ дар ҷаласаи ҳайати мушовара

Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки бо шарофати сиёсати хирадмандона ва маорифпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ таъмин гардида, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, навсозии мазмуну муҳтавои таълим, таҳияи китобҳои дарсии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ тадбирҳои муассир амалӣ мешаванд. Кормандони соҳа вазифадоранд, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат ва сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда гузоранд.

Дар ҷаласа масъалаи «Ҷараёни таҳия, бознигарӣ ва нашри барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд» мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз рӯйи он директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ У. Ҳасанзода ҳисобот пешниҳод намуд.

Зикр гардид, ки дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамкории вазорат бо шарикони рушд дар самти таҳия, бознигарӣ ва нашри китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ ба таври назаррас густариш ёфтааст. Китобҳои дарсии насли нав дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим таҳия гардида, дар баробари интиқоли дониш, ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо, малакаҳои иртиботӣ ва истифодаи дониш дар вазъиятҳои амалӣ равона шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо дастгирии шарикони рушд то имрӯз 23 номгӯй китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо теъдоди зиёда аз 2,5 миллион нусха ба нашр расонида шудааст. Танҳо соли ҷорӣ нашри 12 номгӯй китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, забони русӣ ва математика барои синфҳои 5-6 бо теъдоди умумии беш аз 1 миллиону 846 ҳазор нусха ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин, дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ бо дастгирии Фонди гуманитарии «Моя история» ва нашриёти «Просвещение»-и Федератсияи Россия нашри 930 ҳазор нусха китоби дарсии насли нав аз фанни забони русӣ барои хонандагони синфҳои 5-6 идома дошта, корҳои таҳриру омодасозии онҳо ба анҷом расида истодааст.

Дар ҷараёни муҳокима таъкид гардид, ки дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ, Бонки Исломии Рушд ва ЮНЕСКО таҳияи бастаҳои нави адабиёти таълимӣ барои синфҳои 6 ва 7, инчунин, китобҳои дарсии фанҳои биология, химия ва физика барои синфҳои 7-11 идома дошта, онҳо мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ аз экспертизаи илмӣ ва методӣ гузаронида мешаванд.

Иштирокчиёни масъалаҳои тасдиқи Барномаи давраи мутобиқшавии кӯдакони ба синфи якум қабулшаванда ба муҳити муассисаи таълимӣ, Дастурамали гузаронидани машварати августӣ ва маҷлиси васеи кормандони соҳаи маориф дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин, варақаи шахсии хонанда барои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карданд.

Дар фарҷом вазири маориф ва илм масъалаҳои баррасишударо ҷамъбаст намуда, ба роҳбарони сохторҳои дахлдор ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, гузаронидани экспертизаи ҳамаҷонибаи онҳо, омодагии саривақтӣ ба соли нави таҳсил, ташкили босифати машваратҳои августӣ ва иҷрои бетаъхири қарорҳои қабулшуда дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Ҳамзамон, вазир таъкид намуд, ки тамоми сохторҳои соҳа бояд фаъолияти худро дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақвият бахшида, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ, истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳмгузорӣ дар амалисозии Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда (2027–2036)» тадбирҳои муассир андешанд.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар меҳвар

24 июни соли 2026 дар меҳмонхонаи «Ҳайат Реҷенсӣ»-и шаҳри Душанбе ҷаласаи навбатии Гурӯҳи маорифи маҳаллӣ (LEG) баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовинони вазир, роҳбари дафтари минтақавии Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф оид ба Тоҷикистон Трине Петерсен, сафири Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Радослав Дарски, муовини роҳбари намояндагии ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эрӣ Двиведӣ, инчунин, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат ва шарикони рушд иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илм таъкид кард, ки Гурӯҳи маорифи маҳаллӣ дар солҳои охир ба як майдони муҳимми ҳамоҳангсозии фаъолият миёни Вазорати маориф ва илм ва шарикони рушд табдил ёфта, дар пешбурди ислоҳоти соҳа, ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нақши калидӣ дорад. Бо дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфта, барои баланд бардоштани сифати таълим, рушди таҳсилоти томактабӣ, таҳкими иқтидори омӯзгорон, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва рақамикунонии соҳа тадбирҳои муассир амалӣ гардида истодаанд.

Дар идомаи ҷаласа масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии соҳаи маориф, имкониятҳои нави маблағгузорӣ дар доираи ташаббусҳои Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE 2030), вазъи маблағгузории соҳа ва таҳлили нарасоии маблағгузорӣ, раванди таҳияи Нақшаи миёнамуҳлати рушди соҳаи маориф барои солҳои 2027-2030, инчунин, татбиқи Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳалаи II) мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, иштирокчиён масъалаҳои марбут ба таҷдиди сохтори омӯзиш ва такмили низоми дастгирии методии омӯзгоронро муҳокима намуда, доир ба роҳҳои таҳкими иқтидори касбии омӯзгорон ва баланд бардоштани сифати таълим табодули афкор карданд.

Дар қисмати музокирот намояндагони шарикони рушд ва сохторҳои соҳавӣ оид ба тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо, истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дастгирии ислоҳоти соҳаи маориф пешниҳодҳои мушаххас ироа намуданд.

Дар ҷамъбаст ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкориҳои созанда ва татбиқи муштараки барномаҳо ва лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаи маориф изҳор намуда, таъкид карданд, ки таҳкими шарикӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо барои таъмини таҳсилоти босифат ва рушди устувори низоми маорифи кишвар аҳаммияти муҳим дорад.

Дар ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода бахшида ба «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» ҳамоиш баргузор гардид.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

23 июни соли ҷорӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Татбиқи ҳадафи чоруми стратегии кишвар: инҳроиш, равандҳо ва мушкилот» дар ҳошияи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» баргузор карда гардид.

Таваҷҷуҳ ба татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ

Дар кори конференсия намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовини якуми раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Бахрулло Давлатзода, муовини якуми директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ Ҳаким Исмоилзод, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, олимон, коршиносон ва масъулони соҳа иштирок намуданд.

Иштирокчиён зимни баромади худ таъкид доштанд, ки татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ танҳо бо ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот имконпазир мебошад. Дар ин замина, ҷалби ҷавонон ба соҳаҳои муҳандисӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва илмҳои дақиқ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ гардид.

Таъсиси коргоҳи нави Лубан дар соҳаи энергетика



25 июни соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо намояндаи ширкати «Ҳэнан Ҳуэйлинъян оид ба фарҳанг ва расонаҳо»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин Чан Чжэн баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои густариши ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин дар самтҳои маориф, омодасозии кадрҳои касбӣ, рушди робитаҳои гуманитарӣ ва таъсиси Коргоҳи нави Лубан дар назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин ба сатҳи нави шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ расида, ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, илм ва омодасозии кадрҳои баландихтисос мавқеи муҳимро касб намудаанд.

Зикр гардид, ки дар доираи сафари давлатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар моҳи майи соли 2026 як қатор санадҳои муҳимми ҳамкорӣ ба имзо расида, барои рушди ҳамкориҳои илмию техникӣ, технологияҳои муосир, зеҳни сунъӣ ва таҳсилоти касбӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ таҷрибаи муваффақи фаъолияти Коргоҳи Лубан дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ҳамчун намунаи самараноки ҳамкориҳои амалии Тоҷикистону Чин арзёбӣ гардида, таъсиси Коргоҳи нави Лубан дар назди Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ дониста шуд.

Таъкид карда шуд, ки бо дарназардошти рушди босуръати соҳаи энергетика ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ, энергияи барқароршаванда ва рақамикунонии шабакаҳои барқӣ, эҳтиёҷ ба мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ пайваста меафзояд. Аз ин рӯ, таъсиси Коргоҳи Лубан метавонад барои омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафтаи таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи малакаи омӯзгорон, рушди барномаҳои муштараки таълимӣ ва илмӣ, инчунин, таҳкими робитаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо бахши истеҳсолот мусоидат намояд.

Ҳамчунин, ҷонибҳо масъалаҳои таъсиси лабораторияҳои муосир, таҳияи маводи таълимии муштарак, омодасозии омӯзгорон ва татбиқи таҷрибаи пешқадами таҳсилоти касбиро мавриди муҳокима қарор доданд.

Баррасии механизми нави маблағгузорӣ

23 июни соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии назоратии назди вазири маориф ва илм таҳти раёсати муовини якуми вазир Ҳомид Ҳошимзода баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовинони вазир, роҳбарони сохторҳои дастгоҳи марказии вазорат, муассисаҳои тобеъ ва масъулини соҳаи маорифи шаҳру ноҳияҳо ба таври ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Мутобиқи рӯзномаи ҷаласа, масъалаи вазъи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Доир ба масъалаи мазкур сардори раёсати иқтисод ва банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм А. Хоҷазода гузориш пешниҳод намуда, аз рафти татбиқи маблағгузории меъёрии саракасӣ дар муассисаҳои таълимӣ, иҷрои нишондиҳандаҳои буҷетӣ ва натиҷаҳои омӯзиши фаъолияти як қатор раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо маълумот дод.

Зикр гардид, ки бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, дар фаъолияти баъзе мақомоти идоракунии соҳаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ камбудиҳо, аз ҷумла, риоя нагардидани талаботи маблағгузории меъёрӣ, сатҳи нокифояи банақшагирии молиявӣ, суст будани назорати дохилӣ ва таъхир дар иҷрои дастуру супоришҳои вазорат ба назар мерасад.

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби корманди раёсати иқтисод ва банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм Д. Шерзод рӯнамо оид ба механизми нави маблағгузории меъёрии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод гардид. Таъкид шуд, ки татбиқи механизми нав ба беҳтар гардидани низоми маблағгузорӣ, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва дастгирии муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои дурдаст мусоидат хоҳад кард.

Дар рафти муҳокимаҳо масъалаҳои марбут ба тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маориф ва молия, баланд бардоштани масъулияти роҳбарону муҳосибони муассисаҳои таълимӣ, риояи талаботи қонунгузории буҷетӣ ва таъмини истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ баррасӣ шуданд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа муовини якуми вазири маориф ва илм ба масъулини сохторҳои дахлдор ҷиҳати пурзӯр намудани назорат аз болои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини пардохти саривақтии музди меҳнат ва рухсатипулии кормандон, риояи талаботи маблағгузории меъёрӣ, баланд бардоштани сатҳи интизоми молиявӣ ва истифодаи самараноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Таъкид гардид, ки роҳбарони сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастуру супоришҳои вазорат ва талаботи қонунгузории буҷетиро зери назорати қатъӣ қарор дода, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявии муассисаҳои таълимӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Заминаи муосири омодасозии омӯзгорони оянда



25 июни соли 2026 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон мизи мудаввар оид ба муаррифии «Барномаи нави таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисосҳои математика ва забон ва адабиёти тоҷик, курси нави методикаи таълими математика ва забон ва адабиёти тоҷик ва нақшаи баргузории озмоиш» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода, мудири бахши маорифи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон Наоко Хосака, намояндагони Вазорати маориф ва илм, Бонки исломии рушд, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарон ва аъзои маъмурияти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, инчунин, намояндагони ЮНИСЕФ, ЮНЕСКО ва мушовирони миллӣ иштирок намуданд.

Чорабиниро муовини якуми вазири маориф ва илм ифтитоҳ намуда, аҳаммияти таҷдиди барномаҳои таҳсилотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар заминаи талаботи муосири низоми маориф ва мутобиқ намудани муҳтавои таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ таъкид намуд. Зикр гардид, ки таҳия ва татбиқи барномаҳои нави таҳсилотӣ қадами муҳим дар самти баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони оянда, тақвияти салоҳиятҳои касбии онҳо ва рушди низоми таҳсилоти омӯзгорӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар идома мудири бахши маорифи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон аз ҳамкории самараноки ЮНИСЕФ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар шуд. Қайд гардид, ки ЮНИСЕФ дар самти такмили барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди касбии омӯзгорон пайваста дастгирӣ менамояд. Мавсуф таҳияи барномаҳои нави таҳсилотӣ ва курсҳои методикаи таълимро қадами муҳим дар роҳи ислоҳоти соҳаи маориф арзёбӣ намуда, омодагии ЮНИСЕФ-ро барои идомаи ҳамкорӣ ва дастгирии татбиқи онҳо таъкид кард.

Чорабинии мазкур дар ҳамкории муштараки зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дастгирии шарикони рушд – ЮНИСЕФ ба роҳ монда шуд.

Дар идомаи мизи мудаввар сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров С. Рабизода оид ба барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик ва математика маърӯза намуда, муҳтавои барномаҳои нави таҳсилотӣ, сохтор ва таркиби нақшаҳои таълимӣ, инчунин, имкониятҳои мутобиқсозии онҳоро ба талаботи муосири низоми таҳсилот шарҳ дод. Зикр гардид, ки барномаҳои таҳияшуда бо дарназардошти стандартҳои давлатии таҳсилот, талаботи бозори меҳнат ва рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда омода гардидаанд.

Дар раванди кори мизи мудаввар муҳокимаҳои судманд ва мубодилаи афкори созанда байни намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, шарикони рушд ва коршиносони соҳа баргузор гардид. Иштирокчиён доир ба муҳтавои барномаҳои нави таҳсилотӣ, курсҳои таҷдидшудаи методикаи таълими математика ва забон ва адабиёти тоҷик, инчунин, роҳҳои самараноки татбиқи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар андешаронӣ намуданд.

Зимни муҳокимаҳо масъалаҳои вобаста ба рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда, такмили таҷрибаи омӯзгорӣ, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва мутобиқ намудани мазмуни таҳсилот ба талаботи замони муосир мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Иштирокчиён, ҳамчунин, оид ба механизми баргузории озмоиши барномаҳо, тартиби мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои он пешниҳодҳои мушаххас ироа намуданд.

Дар фарҷом иштирокдорон омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкориҳои судманд, дастгирии раванди озмоиш ва саҳмгузорӣ дар такмили минбаъдаи барномаҳои таҳсилотӣ иброз намуда, баргузории чунин чорабиниҳоро барои рушди соҳаи маориф муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карданд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов ба муносибати қабули ташаббуси навбатии Тоҷикистон гузашти идона доир шуд.

Машав мағрури ақлу дониши хеш,
Бинеҳ оинаи тадбир дар пеш.
Роғиби Самарқандӣ

АФКОР

СУЛҲ БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА

(Дар ҳошияи ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»)

МУҚАДДИМА

Адолат, озодӣ, шаъну шарафи инсон ва сулҳ аз ҷумлаи мафҳумҳоеанд, ки ҳанӯз аз давраи мактабхонӣ барои ҳар кадоми мо шинос аст ва ин мафҳумҳо ҳамакнун он арзишҳое маҳсуб меёбанд, ки ҳудуди забону фарҳанг ва ҷуғрофиёро убур карда, ба арзишҳои умумибашарӣ табдил ёфтаанд. Агар адолат меъёри пойдории давлат бошад, сулҳ шарти ҳастии тамаддун аст. Ҳеҷ ҷомеае бидуни сулҳ натавонистааст фарҳанги устувор, иқтисоди пешрафта, илми оламгир ва зиндагии шоистаро бунёд намояд. Аз ҳамин ҷиҳат, сулҳ муҳити мусоиде мебошад, ки дар он инсон имкони офаридан, андешидан ва рушду такомулро пайдо мекунад.

Бо вуҷуди пешрафти бесобиқаи илму техника, ҷаҳони муосир ба яке аз давраҳои пурихтилофтарини худ ворид гардидааст. Ҷангҳои мусаллаҳона, низоъҳои дохилӣ, терроризми байналмилалӣ, муҳоҷирати иҷборӣ, рақобатҳои геополитикӣ, таҳдидҳои киберӣ ва густариши идеологияҳои ифротӣ нишон медиҳанд, ки инсоният ҳанӯз роҳи устувори таъмини сулҳи пойдорро пайдо накардааст. Имрӯз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон миллионҳо нафар аз хонаҳои худ маҳрум гардида, ҳазорон кӯдак имкони таҳсил, тарбия ва зиндагии оромро аз даст медиҳанд. Ин воқеият собит месозад, ки сулҳ масъалаи дохилии як давлат набуда, мушкилоти сарнавишти тамоми башарият мебошад.

Дар чунин вазъ, қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036», ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид, ҳамчун як рӯйдоди дипломатӣ ифодаи шакли нави тафаккури сиёсӣ мебошад, ки сулҳро ҳамчун масъулияти таърихии инсоният дар назди наслҳои оянда муаррифӣ мекунад.

Ҷиҳати муҳимми ин ташаббус дар он аст, ки бори аввал дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид масъалаи сулҳ ба таври мустақим бо ҳуқуқ ва манфиатҳои наслҳои оянда пайванд дода шудааст. Чунин нигоҳ ба масъалаи сулҳ дар асл гузариш аз сиёсатҳои кӯтоҳмуддат ба тафаккури стратегӣ ва тамаддунӣ мебошад.

Ин ташаббус тасодуфӣ ҳам нест. Он идомаи мантиқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ тадриҷан аз ҳалли масъалаҳои миллӣ ба пешниҳод намудани рӯзномаи глобалӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ расидааст. Агар қаблан ташаббусҳои Тоҷикистон дар масъалаҳои об, пиряхҳо ва рушди устувор ба ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ нигаронида шуда бошанд, ташаббуси нав ба ҳифзи муҳимтарин арзиши мавҷудияти инсон – сулҳ равона гардидааст.

СУЛҲ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ФАЛСАФАИ СИЁСӢ

Дар илмҳои сиёсӣ ва фалсафа сулҳ аз қадим мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳанӯз Арасту бар ин назар буд, ки ҳадафи ниҳоии давлат таъмини зиндагии нек барои шаҳрвандон аст ва чунин зиндагӣ танҳо дар шароити суботу амният имконпазир мебошад. Ба андешаи ӯ, ҷанг восита аст, на ҳадаф. Ҳадафи асосӣ сулҳу зиндагии шоиста мебошад.

Дар фалсафаи Шарқ низ сулҳ ҷойгоҳи меҳварӣ дорад. Абунасри Форобӣ ҳангоми тавсифи «Мадинаи фозила» ҷомеаи идеалиро ҷомеае меҳисобад, ки бар пояи ҳамдигарфаҳмӣ, адолат ва ҳамкории шаҳрвандон бунёд мешавад. Ба андешаи ӯ, давлат вақте комил мегардад, ки ҳадафи роҳбар танҳо ҳифзи қудрат набуда, саодати мардум бошад. Дар чунин ҷомеа низоъ ва хушунат ҷойгузини қонун ва ахлоқ шуда наметавонанд.

Мутафаккири тоҷик Абуалӣ ибни Сино низ инсонро мавҷуди иҷтимоӣ медонад, ки бидуни ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ зиндагӣ карда наметавонад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҷомеаи инсонӣ бар асоси эҳтироми ҳуқуқи дигарон ва ҳамзистии осоишта рушд мекунад. Аз ин рӯ, сулҳ дар таълимоти Сино як ҳолати сиёсӣ набуда, шарти рушди маънавии инсон аст.

Дар афкори адабии тоҷик низ ҳамин андеша ҷойгоҳи муҳим дорад. Ҷалолиддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ» инсонро ба тарки кина, бахшиш ва муҳаббат даъват намуда, бар он аст, ки ҷанг, пеш аз ҳама, аз ботини инсон оғоз мешавад. Агар қалби инсон аз адоват пок гардад, ҷомеа низ ба сулҳ мерасад. Ин андеша имрӯз ҳам арзиши худро гум накардааст, зеро аксари низоъҳои муосир, пеш аз ҳама, натиҷаи бухрони ахлоқӣ ва маънавӣ мебошанд.

Дар фалсафаи сиёсати Аврупо Иммануил Кант дар рисолаи машҳури худ «Сулҳи ҷовидонӣ» масъалаеро ба миён мегузорад, ки то имрӯз асоси бисёре аз назарияҳои муносибатҳои байналмилалиро ташкил медиҳад. Ӯ сулҳи устуворро ҳамчун натиҷаи созишномаҳои сиёсӣ эътироф намекунад, балки онро маҳсули қонун, ахлоқ ва ҳамкории байналмилалӣ арзёбӣ мекунад. Ба андешаи Кант, сулҳро бо роҳи таҳдид нигоҳ доштан мумкин нест; сулҳи ҳақиқӣ танҳо вақте пойдор мегардад, ки давлатҳо масъулияти муштараки худро дар назди инсоният дарк намоянд.

Дар асри XX муҳаққиқи маъруфи норвегӣ Йохан Галтунг ба илми сулҳшиносӣ мафҳуми нав ворид намуд. Ӯ байни «сулҳи манфӣ» ва «сулҳи мусбат» фарқ мегузорад. Сулҳи манфӣ фақат набудани ҷанг аст. Аммо сулҳи мусбат ҷомеаест, ки дар он адолати иҷтимоӣ, баробарӣ, имконоти рушди инсон, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо ва фарҳанги таҳаммул вуҷуд дорад. Агар яке аз ин омилҳо аз байн равад, эҳтимоли сар задани низоъ ҳамеша боқӣ мемонад.

Маҳз ҳамин назария имрӯз дар сиёсати байналмилалӣ мақоми калидӣ пайдо кардааст. Созмони Милали Муттаҳид, ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои байналмилалӣ низ дигар сулҳро ба маънои набудани даргирӣ арзёбӣ намекунанд. Баръакс, онҳо фарҳанги сулҳ, таҳаммулпазирӣ, муколама ва ҳамдигарэҳтиромиро шарти асосии рушди устувор меҳисобанд.

Аз ҳамин нигоҳ, ташаббуси нави Тоҷикистон комилан бо тамоюлҳои пешрафтаи афкори сиёсии ҷаҳон ҳамоҳанг мебошад. Дар он сухан аз хотима бахшидани ҷангҳо намеравад, балки аз тарбияи фарҳанги сулҳ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аз ташаккули масъулияти байни наслҳо сухан меравад. Ин нукта аҳаммияти фалсафии қатъномаро хеле боло мебарад.

ҶАҲОНИ ИМРӮЗ ВА БУҲРОНИ ФАРҲАНГИ СУЛҲ

Асри XXI бо вуҷуди пешрафти бесобиқаи технологӣ, ҳанӯз ҳам аз мушкилоти амиқи сиёсӣ ранҷ мебарад. Ба тасдиқи бисёре аз сиёсатшиносон, ҷаҳон имрӯз ба марҳалаи «бухрони эътимод» ворид шудааст. Эътимоди байни давлатҳо коҳиш ёфта, мусаллаҳшавӣ афзоиш пайдо кардааст. Рақобатҳои геополитикӣ ба шаклҳои нав зуҳур намуда, ҳатто пешрафтҳои илмӣ баъзан ба воситаи истеҳсоли силоҳҳои нав истифода мешаванд.

Дар чунин шароит сулҳ ба масъалаи бақои тамаддуни инсонӣ табдил ёфтааст. Агар инсоният натавонад фарҳанги сулҳро ҳамчун арзиши умумӣ ҳифз намояд, ҳамаи дастовардҳои илмӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии асрҳои гузашта метавонанд дар як лаҳза зери таъсири ҷангҳои нав аз байн раванд.

Аз ҳамин ҷиҳат, қабули «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» дар асл посухи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба чунин воқеияти мураккаб мебошад. Пешниҳоди Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имрӯз барои таъмини сулҳ, зарур аст, ҷаҳон фарҳанги наверо эҷод кунад, ки дар он сулҳ ба арзиши доимии сиёсӣ ва маънавӣ табдил ёбад.

Агар таҷрибаи таърихи башариятро аз дидгоҳи таҳаввули давлатдорӣ мавриди таҳлил қарор диҳем, ба як қонунияти ҷолиби сиёсӣ мерасем: давлатҳое, ки худ аз имтиҳони ҷанг гузаштаанд ва тавонистаанд ҷомеаи худро ба сулҳу субот расонанд, баъдан бештар аз дигарон ба арзиши сулҳ арҷ мегузоранд. Ин падида натиҷаи тағйири сиёсати давлатӣ набуда, балки натиҷаи тағйири шуури миллӣ мебошад. Миллате, ки талафоти ҷангро бо чашми худ дидааст, дигар сулҳро ҳамчун як мафҳуми абстрактӣ қабул намекунад. Барои чунин миллат сулҳ ба хотираи таърихӣ, ба сабақи наслҳо ва ба арзиши муқаддаси давлатдорӣ табдил меёбад.

Маҳз ҳамин воқеият таҷрибаи Тоҷикистонро аз бисёр намунаҳои дигари ҷаҳонӣ фарқ мекунонад. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои аввали истиқлол муқовимати сиёсӣ набуд. Он бухрони амиқи давлатдорӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ буд. Дар он солҳо на танҳо сохторҳои давлатӣ, балки эътимоди байни инсонҳо низ осеб дид. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, барқарор намудани сулҳ дар Тоҷикистон танҳо бо имзои як созишнома анҷом наёфт. Зарур буд, ки ҷомеа дубора фарҳанги ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва масъулияти шаҳрвандиро омӯзаду аз худ кунад.

Аз ҳамин нигоҳ, сулҳи тоҷикон дар илмҳои сиёсӣ метавонад ҳамчун намунаи «сулҳи барқарорсозанда» (restorative peace) арзёбӣ шавад. Тавре гуфтем, мақсад танҳо қатъи амалиёти ҷангӣ набуд. Ҳадаф эҳёи ҷомеа, барқарор намудани эътимод, муттаҳид сохтани неруҳои сиёсӣ ва фароҳам овардани шароити рушди минбаъдаи давлат буд. Таҷрибаи бисёр кишварҳо нишон медиҳад, ки баъди анҷоми ҷанг низоъ метавонад даҳсолаҳо дар шакли пинҳонӣ боқӣ монад. Тоҷикистон тавонист ин марҳаларо низ паси сар намояд ва ваҳдати миллиро ба рукни асосии давлатдорӣ табдил диҳад.

Ин таҷриба имрӯз барои ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон низоъҳои мусаллаҳона идома доранд, аммо масъалаи асосӣ на танҳо хотима бахшидан ба ҷанг, балки барқарор намудани ҷомеаи баъдинизоӣ мебошад. Маҳз дар ҳамин ҷо таҷрибаи Тоҷикистон метавонад ҳамчун мактаби сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор гирад.

АЗ СУЛҲИ МИЛЛӢ ТО ДИПЛОМАТИЯИ СУЛҲИ ҶАҲОНӢ

Ҳар як давлат дар сиёсати хориҷии худ одатан манфиатҳои миллиро ҳимоя мекунад. Ин қонунияти маъмулии муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Аммо дар таърихи дипломатия давлатҳое низ ҳастанд, ки баъди таъмини суботи дохилӣ таҷрибаи худро ба манфиати ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод намудаанд. Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ тадриҷан ҳамин роҳро интихоб намуд.

Аввалин ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон бештар ба масъалаҳои об, рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист равона гардида буданд. Дар назари аввал чунин менамуд, ки ин масъалаҳо аз ҳамдигар ҷудо мебошанд. Аммо агар онҳоро ҳамчун як низоми ягона таҳлил намоем, мантиқи ягонаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон равшан мегардад: об асоси ҳаёт аст; пиряхҳо манбаи ҳаёти оянда и инсоният мебошанд; рушди устувор кафолати зиндагии шоистаи инсон аст ва сулҳ шарти ҳифзи ҳамаи ин арзишҳо мебошад. Яъне, ба ибораи дигар, ҳамаи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳаёти инсон нигаронида шудаанд.

Ин вижагӣ дипломатияи Тоҷикистонро аз дипломатияи анъанавии қудрат фарқ мекунонад. Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мафҳуми «дипломатияи башардӯстона» тадриҷан шакл гирифтааст. Маркази чунин дипломатия инсон мебошад, на рақобати геополитикӣ.

ЧАРО МАҲЗ МАСЪАЛАИ СУЛҲ?

Пурсиши дигаре, ки аз нигоҳи таҳлили сиёсӣ муҳим мебошад, чунин аст: чаро маҳз дар ҳамин давра Тоҷикистон ташаббуси «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»-ро пешниҳод намуд?

Посух ба ин саволро бояд дар таҳаввулоти низоми байналмилалии солҳои охир ҷустуҷӯ кард.

Ҷаҳони имрӯз бо вазъияти бесобиқа рӯ ба рӯ шудааст. Агар баъди анҷоми ҷанги сард бисёриҳо гумон мекарданд, ки инсоният ба давраи суботи дарозмуддат ворид мегардад, воқеияти асри XXI ин интизориҳоро тасдиқ накард. Баръакс, ҷаҳон ба марҳалаи нави рақобатҳои геополитикӣ, ҷангҳои минтақавӣ, терроризми байналмилалӣ, афзоиши мусаллаҳшавӣ ва бухронҳои башардӯстона ворид гардид.

Муҳаққиқони муносибатҳои байналмилалӣ имрӯз бештар аз мафҳуми «polycrisis» – бухрони чандинсоҳа истифода мебаранд. Ҷанг, муҳоҷират, тағйирёбии иқлим, камбуди захираҳои табиӣ, камбизоатӣ ва ноустувории иқтисодӣ ҳамдигарро тақвият мебахшанд.

Дар чунин вазъ масъалаи сулҳ мушкили як минтақа арзёбӣ нашуда, он масъалаи бақои низоми байналмилалӣ мебошад.

Аз ҳамин нигоҳ, ташаббуси Тоҷикистон саривақтӣ мебошад. Он ба ҷаҳон хотиррасон мекунад, ки агар инсоният танҳо ба идоракунии бухронҳо машғул шавад, вале сабабҳои аслии онҳо – набудани фарҳанги сулҳ ва эътимоди байниҳамдигариро бартараф насозад, низоъҳои нав ногузир хоҳанд буд.

ФАЛСАФАИ «НАСЛҲОИ ОЯНДА»

Ба андешаи мо, маҳз ҳамин мафҳум муҳимтарин навгонии консептуалии қатъномаи қабулшуда мебошад.

Дар сиёсатшиносии муосир солҳои охир истилоҳи «адолати байни наслҳо» (intergenerational justice) бештар истифода мешавад. Моҳияти он бозгӯйи он аст, ки ҳар як насл бояд захираҳо, муҳити зист, субот ва имкониятҳои рушди худро ба наслҳои

→

Дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия оид ба таъсиси низоми «Равзанаи ягона» барои минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон санади грантӣ ба имзо расид.

баъдӣ бо масъулият мерос гузорад.

То имрӯз ин назария бештар нисбат ба масъалаҳои экологӣ истифода мешуд. Масалан, гуфта мешуд, ки наслҳои имрӯз ҳақ надоранд муҳити зистро чунон хароб созанд, ки наслҳои оянда аз об, ҳаво ва захираҳои табиӣ маҳрум гарданд. Аммо Тоҷикистон ин мафҳумро ба сатҳи нави сиёсӣ бардошт. Қатъномаи мазкур нишон медиҳад, ки сулҳ низ мероси байни наслҳо мебошад. Яъне, ҳеҷ як давлат ҳақ надорад барои манфиатҳои кӯтоҳмуддати сиёсӣ ояндаи миллионҳо кӯдаки ҳанӯз таваллуднашударо зери хатар гузорад.

Ин андеша аҳаммияти бузурги ахлоқӣ дорад. Дар таърихи сиёсат аксаран сухан аз ҳуқуқи шаҳрвандони имрӯз мерафт. Акнун масъалаи ҳуқуқи шаҳрвандони фардо низ ба миён гузошта мешавад. Ин тағйироти ҷиддӣ дар тафаккури сиёсӣ мебошад.

Маҳз ҳамин аст, ки қатъномаи Тоҷикистон ҳамчун як санади сиёсӣ дорои муҳтавои амиқи фалсафӣ мебошад.

ФАРҲАНГИ СУЛҲ ВА НАҚШИ МАОРИФ

ЮНЕСКО ҳанӯз дар охири асри гузашта таъкид карда буд, ки «ҷангҳо дар зеҳни инсонҳо оғоз мешаванд, бинобар ин, ҳимояи сулҳ низ бояд дар зеҳни инсонҳо бунёд гардад.» Ин андеша имрӯз аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо кардааст. Ҳеҷ як қатъномаи байналмилалӣ худ ба худ сулҳро таъмин карда наметавонад, агар фарҳанги сулҳ дар ҷомеа ташаккул наёфта бошад.

Фарҳанги сулҳ аз куҷо оғоз мешавад? Посух равшан аст: аз оила, мактаб ва ҷомеа. Аз ҳамин ҷиҳат, қабул гардидани Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ вазифаҳои навро дар назди низоми маорифи ҳамаи кишварҳо мегузорад.

Мактаб бояд муҳити тарбияи шаҳрвандони масъул, таҳаммулпазир ва сулҳпарвар бошад. Омӯзгор бояд дар зеҳни хонанда танҳо дониш не, балки фарҳанги муколама, эҳтироми андешаи дигарон, масъулияти шаҳрвандӣ ва эҳсоси ҳамзистии осоиштаро парвариш намояд.

Дар ин самт Тоҷикистон таҷрибаи арзишманд дорад. Дар барномаҳои таълимӣ, сиёсати давлатии ҷавонон, консепсияҳои тарбия ва санадҳои меъёрии соҳаи маориф масъалаҳои таҳкими ваҳдати миллӣ, худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ ҷойгоҳи муҳим доранд.

Маҳз ҳамин сиёсати пайгирона имкон дод, ки насли баъди ҷанг дар муҳити нисбатан ором ба воя расида, сулҳро ҳамчун арзиши табиӣ ва бебаҳо қабул намояд.

ТОҶИКИСТОН ВА ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ АХЛОҚИИ АСРИ XXI

Дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ солҳои тӯлонӣ чунин ақида ҳукмфармо буд, ки низоми ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, бар асоси тавозуни қудрат, рақобати геополитикӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ташаккул меёбад. Аз Фукидид то Ҳанс Моргентау бисёр намояндагони мактаби реализми сиёсӣ давлатро ҳамчун субъекти асосии сиёсати ҷаҳонӣ тавсиф намуда, бар он андеша буданд, ки муносибатҳои байналмилалӣ аз мубориза барои нуфуз ва амният иборатанд. Дар чунин шароит арзишҳои ахлоқӣ, инсондӯстӣ ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ аксаран ҷойгоҳи дуюмдараҷа касб мекарданд.

Аммо воқеиятҳои асри XXI нишон доданд, ки мантиқан танҳо бо рақобатпазирӣ наметавон масъалаҳои умумибашариро ҳал кард. Тағйирёбии иқлим, пандемияҳо, муҳоҷирати иҷборӣ, терроризми байналмилалӣ, амнияти озуқаворӣ, норасоии об ва густариши низоъҳои мусаллаҳона сарҳад надоранд. Ҳеҷ як давлат, новобаста аз иқтидори сиёсӣ ё иқтисодии худ, наметавонад ин мушкилотро танҳо ҳал намояд. Аз ин рӯ, дар илмҳои сиёсӣ тадриҷан мафҳуми «дипломатияи ахлоқӣ» (ethical diplomacy) бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин навъи дипломатия на бар рақобати манфиатҳо, балки бар масъулияти муштарак дар назди инсоният такя мекунад.

Агар ба ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир аз ҳамин дидгоҳ назар афканем, равшан мегардад, ки онҳо силсилаи мантиқии ягона мебошанд. Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ ташаббусҳои худро дар заминаи масъалаҳое пешниҳод накардааст, ки танҳо ба манфиатҳои маҳдуди миллӣ дахл дошта бошанд. Баръакс, ҳамаи иқдомҳои байналмилалии кишвар ба масъалаҳое равона гардидаанд, ки сарнавишти тамоми башариятро дар бар мегиранд. Аз ташаббусҳои вобаста ба об то эълони Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва акнун «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» ва дар маҷмуъ, ҳамаи ин пешниҳодҳо як ғояи марказӣ доранд: ҳифзи шароити зиндагии инсон.



Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии Тоҷикистонро метавон намунаи дипломатияи созанда ва ахлоқӣ арзёбӣ кард. Дар маркази ин дипломатия қудрат не, балки масъулият, ҳамкорӣ ва муколама қарор дорад.

ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН ҲАМЧУН САРМОЯИ СИЁСӢ

Дар муносибатҳои байналмилалӣ нуфузи давлат танҳо аз андозаи иқтисод ё қудрати низомии он вобаста нест. Имрӯз бештар аз ҳар вақти дигар давлатҳое эҳтиром пайдо мекунанд, ки таҷрибаи воқеӣ ва қобили омӯзишро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод мекунанд. Дар ин замина, Тоҷикистон дорои як сармояи нодири сиёсӣ мебошад, ки онро метавон «сармояи сулҳ» номид.

Сулҳи тоҷикон натиҷаи як рӯйдоди тасодуфӣ набуд. Он дар заминаи иродаи сиёсӣ, фарҳанги муколама, гузаштҳои мутақобил ва манфиати олии миллӣ ба вуҷуд омад. Агар дар бисёр кишварҳои пас аз низоъ созишномаҳо танҳо ба хотимаи муқовимати мусаллаҳона оварда расонида бошанд, дар Тоҷикистон сулҳ бар пояи ташаккули давлати навин табдил ёфт. Ваҳдати миллӣ дар ин кишвар на танҳо шиори сиёсӣ, балки асоси сиёсати давлатӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва худшиносии миллӣ гардид.

Аз ин рӯ, вақте ки Тоҷикистон имрӯз дар минбари Созмони Милали Муттаҳид аз таҳкими сулҳ сухан мегӯяд, ин суханон аз таҷрибаи зиндагии худи миллат сарчашма мегиранд. Маҳз ҳамин омил ба ташаббуси Тоҷикистон эътибори маънавӣ мебахшад. Дар дипломатия ин гуна эътибор аз ҳама гуна захираҳои моддӣ қиматтар аст, зеро он бар таҷрибаи воқеӣ такя мекунад.

МУКОЛАМА ҲАМЧУН МЕЪЁРИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қатъномаи қабулшуда он аст, ки дар он мафҳуми муколама ба сифати воситаи асосии таҳкими сулҳ таъкид шудааст. Ин нукта аз ҷиҳати назариявӣ низ аҳаммияти калон дорад.

Дар таърихи сиёсӣ аксар вақт сулҳ ҳамчун натиҷаи тавозуни қудрат арзёбӣ мешуд. Аммо таҷрибаи ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки тавозуни қудрат метавонад муваққатӣ бошад, дар ҳоле ки муколама имкони барқарор намудани эътимоди дарозмуддатро фароҳам меорад. Аз ҳамин рӯ, дар ҳуҷҷатҳои нави Созмони Милали Муттаҳид мафҳумҳои «эътимод», «ҳамбастагӣ», «фарогирӣ» ва «муколама» беш аз пеш истифода мешаванд.

Дар фарҳанги сиёсии тоҷикон низ анъанаи гуфтугӯ ва машварат ҷойгоҳи муҳим доштааст. Аз маҷлисҳои аҳли дониш дар аҳди Сомониён то суннати сулҳҷӯёнаи бузургони адабиёти тоҷику форс, ҳамеша кӯшиш шудааст, ки ихтилофҳо, пеш аз ҳама, тавассути суҳан ҳал гарданд. Ин мероси маънавӣ имрӯз дар дипломатияи Тоҷикистон низ инъикоси худро пайдо кардааст.

Аз ин рӯ, ташаббуси навбатии Тоҷикистонро метавон идомаи суннати тамаддунии тоҷикон арзёбӣ намуд, ки дар маркази он инсон, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсон қарор дорад.

ҶОЙГОҲИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ РӮЗНОМАИ ҶАҲОНИИ СУЛҲ

Дар арзёбии ҳар як ташаббуси байналмилалӣ нақши шахсиятро низ бояд ба эътибор гирифт. Дар илми сиёсатшиносӣ борҳо таъкид шудааст, ки дар даврањои гузариш ва бухронӣ маҳз роҳбарони дорои ҷаҳонбинии стратегӣ метавонанд самти рушди давлатро муайян намоянд. Таҷрибаи Тоҷикистон низ ин қонуниятро тасдиқ мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти сиёсии худро дар яке аз даврањои пурфоҷиатарини таърихи навини Тоҷикистон оғоз намуданд. Он солҳо масъалаи асосӣ нигоҳ доштани давлат ва ҳифзи якпорчагии кишвар буд. Бо вуҷуди душвориҳои зиёд, маҳз интихоби роҳи муколама, оштӣ ва ваҳдати миллӣ имкон дод, ки Тоҷикистон аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ берун ояд ва ба марҳалаи рушди устувор ворид шавад.

Дар солҳои баъдӣ ҳамин таҷрибаи дохилӣ тадриҷан ба пояи фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат табдил ёфт. Агар дар оғоз диққати асосӣ ба барқарорсозии сулҳи миллӣ равона шуда бошад, имрӯз ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон масъалаҳои фаромиллиро дар бар мегиранд. Ин гузариш нишон медиҳад, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз доираи як воқеаи миллӣ берун рафта, ба падидаи муҳимми сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Қабули қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» далели дигари он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба чунин ташаббус эътимод дорад. Ин эътимод, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки пешниҳод аз ҷониби роҳбари давлате садо медиҳад, ки худ сарвари яке аз муваффақтарин равандҳои сулҳофарин дар фазои пасошуравӣ маҳсуб меёбад.

ХУЛОСА

Имрӯз инсоният дар марҳалаи сарнавиштсоз қарор дорад. Пешрафти илм ва технология имконоти бесобиқа фароҳам овардааст, аммо ҳамзамон таҳдидҳои нав низ ба вуҷуд омадаанд. Дар чунин шароит сулҳ ба масъалаи ҳифзи худи тамаддуни инсонӣ табдил ёфтааст. Агар асри гузашта инсониятро водор сохт, ки пас аз ду ҷанги ҷаҳонӣ созмонҳои байналмилалиро барои пешгирии ҷанг таъсис диҳад, асри XXI аз ҷомеаи ҷаҳонӣ талаб мекунад, ки фарҳанги сулҳро ҳамчун арзиши бунёдӣ дар шуури наслҳои имрӯз ва фардо ҷой диҳад.

Аз ҳамин нигоҳ, қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» аз доираи як ҳуҷҷати навбатии дипломатӣ фаротар меравад. Ин санад инъикоси ҷаҳонбинии нав мебошад, ки масъулияти байни наслҳо, фарҳанги муколама ва ҳамбастагии инсониро ҳамчун шарти рушди устувори ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад. Дар меҳвари ин ҷаҳонбинӣ инсон қарор дорад.

Барои Тоҷикистон қабули ин қатънома аҳаммияти махсус дорад. Он собит месозад, ки кишвар аз марҳалаи иштирокдори муносибатҳои байналмилалӣ ба марҳалаи ташаккулдиҳандаи рӯзномаи ҷаҳонӣ гузаштааст. Ин дигаргунии сифатӣ натиҷаи сиёсати хориҷии пайгирона ва созандаи давлат мебошад, ки ҷавҳару дарунмояи онро дар бар гирифтааст. Аз ин рӯ, ташаббуси мазкурро метавон идомаи мантиқии силсилаи иқдомҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самтҳои об, ҳифзи пиряхҳо, рушди устувор ва таҳкими сулҳ арзёбӣ намуд.

Дар айни замон, ин иқдом арзиши дигари муҳим низ дорад. Он таҷрибаи сулҳи тоҷиконро аз сатҳи хотираи миллӣ ба сатҳи мероси сиёсӣ ва маънавии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебарорад. Миллате, ки даҳшати ҷангро аз сар гузаронда, тавонист бо роҳи муколама ва ваҳдати миллӣ давлати худро эҳё намояд, имрӯз ҳуқуқи маънавӣ дорад, ки ҷомеаи байналмилалиро ба ҳифзи сулҳ даъват кунад. Ин ҳақ аз таҷрибаи таърихӣ, аз ранҷи гузашта ва аз масъулият дар назди оянда сарчашма мегирад.

Маҳз ҳамин аст, ки ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муваффақияти навбатии дипломатияи миллати тоҷик ва саҳми арзишманд дар рушди афкори сиёсии муосир унвон мешавад. Агар ин Даҳсола ба густариши фарҳанги сулҳ, таҳкими муколама ва тарбияи насли дорои масъулияти ҷаҳонӣ мусоидат намояд, он гоҳ метавон гуфт, ки Тоҷикистон бори дигар рисолати таърихии худро ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва ташаббускори арзишҳои умумибашарӣ иҷро кардааст. Яъне, маҳз дар ҳамин рисолат ҷойгоҳи воқеии Тоҷикистон дар низоми байналмилалии асри XXI таҷассум меёбад. Ба таъбири Пешвои муаззами миллат: «... мо бояд дар навбати аввал ба наврасону ҷавонон, ки созандагони ҷаҳони фардо мебошанд, омӯзонем, ки сулҳ танҳо набудани ҷанг нест. Сулҳ фарҳанг аст. Сулҳ масъулият аст.Сулҳ эҳтиром ба шаъну шарафи инсон аст. Сулҳ таъмин намудани адолат ва имкониятҳои баробар барои ҳамаи инсоният аст».

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология

Дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ – асоси таҳкими давлатдории тоҷикон» конференсия баргузор шуд.

ДАР ҲОШИЯИ ТАШАББУСИ ҶАҲОНӢ

Сулҳ яке аз муқаддастарин ва волотарин арзишҳои тамаддуни башарӣ ба шумор меравад. Аз замонҳои қадим то имрӯз тамоми пешрафти инсоният маҳз дар фазои сулҳу оромӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳар куҷо сулҳ ҳукмфармо бошад, илму фарҳанг, иқтисод рушд мекунад ва инсон метавонад арзишҳои маънавии худро такмил диҳад. Дар илми сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ сулҳ ҳамчун низоми муносибатҳои одилона, эҳтироми ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, ҳамкории созанда ва ҳамдигарфаҳмии халқҳо маънидод мегардад.

НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ҶАҲОНӢ

Хиради мардуми тоҷик низ аз қадимулайём бар ҳамин арзиш устувор гардидааст. Дар фарҳанги сиёсӣ, адабӣ ва ахлоқии тоҷикон сулҳ ҳамчун рамзи адолат, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва саодати ҷомеа тавсиф ёфтааст. Мутафаккирон ва адибони тоҷику форс сулҳро пояи бақои давлат ва хушбахтии инсон донистаанд. Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дӯстиро асоси зиндагии инсон ва шарти хушбахтии ҷомеа меҳисобад:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.

Ифодаи «ҳеҷ шодӣ нест» таъкид бар он аст, ки ҳеҷ сарват, мансаб ё қудрате наметавонад ҷойгузини оромӣ ва муносибатҳои неки инсонӣ гардад. Калимаи «ҷаҳон» тамоми ҳаёти инсон ва арзишҳои моддию маънавиро фаро мегирад. Аз ин рӯ, устод Рӯдакӣ дӯстиро пояи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии осоишта медонад. Шоир ба хулоса мерасад, ки инсон дар муҳити сулҳ, дӯстӣ ва амният метавонад хушбахтии ҳақиқиро эҳсос намояд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» адолатро асоси сулҳ ва бақои давлат мешуморад:

Зи неруи дод аст кишвар ба пой,
Зи бедодӣ ояд ба кишвар газой.

Дар ин байт калимаи «дод» маҷмуи инсоф, қонун, ҳуқуқ ва масъулияти ҳокимиятро нисбат ба мардум ифода мекунад. Ибораи «кишвар ба пой» рамзи устувории давлат, суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ мебошад. Дар муқобил, «бедодӣ» рамзи зулм, худкомагӣ ва поймолшавии ҳуқуқ аст, ки оқибати он «газой», яъне, таназзул ва вайронии давлат мебошад.

Саъдии Шерозӣ ваҳдати инсониятро асоси сулҳи ҷаҳонӣ медонад:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

Ҷалолиддини Балхӣ муҳаббатро сарчашмаи сулҳ ва воситаи дигаргунсозии ҷомеа мешуморад:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.

Муҳаббат рамзи инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Ибораи «талхҳо ширин шавад» ба он ишора мекунад, ки муҳаббат метавонад душманиро ба дӯстӣ ва ихтилофро ба оштӣ табдил диҳад.

Таҳлили осори мутафаккирон нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷикон аз ибтидо бар арзишҳои сулҳ, адолат, дӯстӣ, инсондӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ асос ёфтааст. Маҳз ҳамин ҷаҳонбинии сулҳпарварона дар тӯли ҳазорсолаҳо ба қисми ҷудонашавандаи фарҳанги давлатдории тоҷикон табдил ёфтааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати хориҷии худро бар пояи сулҳ, ҳамкорӣ, эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ ва дипломатияи бисёрҷониба ташаккул дод. Ин сиёсат идомаи мантиқии арзишҳои давлатдории таърихии тоҷикон буда, ҳадафи асосии он таҳкими субот, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Пас аз барқарор гардидани Ваҳдати миллӣ дар соли 1997 таҷрибаи сулҳи тоҷикон ҳамчун яке аз намунаҳои муваффақи ҳалли низоъҳо мавриди омӯзиши ҷомеаи байналмилалӣ қарор гирифт. Дар асоси ҳамин таҷриба Тоҷикистон тадриҷан ба яке аз давлатҳои ташаббускори масъалаҳои глобалӣ дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид табдил ёфт.

Дар солҳои охир бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои об, ҳифзи пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардиданд. Дар ҳамин замина, қабули Қатъномаи СММ таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» идомаи мантиқии сиёсати сулҳпарваронаи Пешвои миллат мебошад. Ташаббуси мазкур ба густариши фарҳанги сулҳ, таҳаммулпазирӣ, муколамаи байни тамаддунҳо, иштироки ҷавонон дар таҳкими сулҳ ва пешгирии низоъҳо равона гардидааст. Бо пешниҳоди ин ташаббус Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро ҳамчун ҷонибдори дипломатияи сулҳ, ҳамкории созанда ва масъулияти муштарак дар ҳифзи амнияти байналмилалӣ боз ҳам таҳким бахшид.

Аҳаммияти ин ташаббус ба ташаккули фарҳанги сулҳ, таҳкими муколамаи байни давлатҳо ва тамаддунҳо, баланд бардоштани нақши ҷавонон дар пешгирии низоъҳо, рушди дипломатияи пешгирикунанда ва таҳкими масъулияти муштараки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таъмини амният ва рушди устувор нигаронида шудааст. Дар шароите, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таҳдидҳои нави сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ ва экологӣ рӯ ба рӯ мебошад, чунин ташаббусҳо метавонанд ба таҳкими эътимоди байналмилалӣ ва густариши ҳамкории созанда такони ҷиддӣ бахшанд.

Ҳамин тариқ, «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» таҷассумгари идомаи анъанаҳои сулҳпарварии халқи тоҷик буда, саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ ва татбиқи ҳадафҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид боз ҳам тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, татбиқи самараноки ҳадафҳои ин даҳсола метавонад ба таҳкими фарҳанги сулҳ, рушди ҳамкории байналмилалӣ ва фароҳам овардани ояндаи амну осоишта барои наслҳои имрӯзу фардо мусоидат намояд.

Баҳром ИСМОИЛЗОДА,
сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

Технологияи муосири рақамӣ ва китобҳои дарсӣ



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2024) пешниҳод намуданд: «Ҳиҷати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025-2030 Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон карда шаванд». Дар Паём ҳафт самт барои пешбурд ва иқтисоди рақамӣ муайян гардидааст, ки маҳз ба рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст.

Тавре ки Б. Шарифзода - доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ зикр намуд, «Масъалаи рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон хеле мубрам мебошад. Дар гузариш ба иқтисоди рақамӣ яке аз омилҳои асосӣ, омодасозӣ ва ҷалби мутахассисони соҳибтахассус дониста мешавад». Албатта, омодасозии мутахассисони тамоми соҳаҳои иқтисодиёт дар низоми маориф амалӣ мегардад. Барои таъмини рушди иқтисодиёти рақамӣ бояд аввалан дар низоми маориф ислоҳот ворид кард, то ин ки неруи интеллектуалии шахс рушд намояд.

Мусаллам аст, ки низоми маориф заминаи асосии рушди ҷамъият мебошад. Низоми маориф қувваи пешбарандаи ҷомеа бошад ҳам, пайваста навгониву ислоҳотро талаб менамояд, ки дар он раванди таълим ва ташаккулёбии шахс ва манфиати шаҳрвандон таъмин гардад. Танҳо дар ин сурат низоми маориф ба рушди иқтисодиёти давлат мусоидат мекунад.

Иқтисоди рақамиро иқтисодшинос А. Нурализода чунин шарҳ додааст: «Иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, чунин иқтисодиёте мебошад, ки дар асоси рушди технологияи иттилоотӣ, рушди тиҷорати электронӣ ва бизнеси рақамӣ рушд мекунад» .

Аз ин лиҳоз, дар марҳалаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ зарурати баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияи рақамӣ ба миён меояд. Дар бораи гузариш ва заминаҳои татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ Ф. Қодирзода чунин иброз намудааст: «Дар замони мусоир иқтисоди рақамӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар рушди иқтисоди мамлакат дониста мешавад. Тоҷикистон дорои тамоми шароитҳо ва заминаҳо ҷиҳати манбаъҳои захираҳои рақамӣ ва афзоиш додани суръати рақамикунонии иқтисод мебошад».

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи технологияи рақамӣ заминаҳои асосиро марҳала ба марҳала таъмин намудааст. Ба ин мисол шуда метавонад: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» ва «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» ва ғайра. Бо мақсади ташкили имконоти маърифати технологӣ ва баланд бардоштани сатҳи он, таълими фанни технологияи иттилоотӣ ворид гардид. Аввалан, таълими ин фан дар синфҳои 7-11 ба роҳ монда шуд ва аз соли таҳсили 2017-2018 таълим аз синфи 5-ум шуруъ шуд. Ин иқдом дар раванди таълим барои баланд бардоштани сифати таҳсилот замина мегузорад.

Бо мақсади рушди илму маориф, техника ва технологияи нав, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон намуд, ки мақсад аз ин иқдом фароҳам овардани заминаи рушду такомули тафаккури техникиву технологӣ буда, таҳқурсии он дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун гузошта мешавад.

Барои баланд бардоштани самаранокии сармояи инсонӣ танҳо тавассути таҳсил инсон неруи эҷодӣ ва ихтироъкориро пайдо менамояд. Барои таъмин ва ташкили рушди сармояи инсонӣ дар назди оила ва давлат якчанд вазифа пеш меояд. Вазифаи оила аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ақлонӣ ба воя расонидани фарзанди солим, тарбия дар масъалаи гирифтани таҳсил, пайдо кардани сарчашмаи маблағгузорӣ ва шароиту имконот барои гирифтани таҳсили муттасил мебошад. Дар таъмин ва ташкили имконоту шароит барои гирифтани сармояи инсонӣ вазифаҳои давлат калидӣ аст. Пеш аз ҳама, таъмини ҳуқуқ, кафолатҳои шаҳрванд дар ҳудуди мамлакат, таъмин ва ташкили фазои ягонаи маърифатӣ бо мақсади рушди вазифаҳои иҷтимоӣ мебошад. Таҳлили раванди рушди сармояи инсонии давлатҳои муқтадири иқтисодӣ нишон медиҳад, ки самти иҷтимоии сиёсати давлат, махсусан, соҳаи маориф самти афзалиятнок дар тамоми сатҳи идоракунии давлатӣ муайян гардидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз солҳои аввали Истиқлоли давлатии Тоҷикистон соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон намуд.

Дар раванди таъмини имконоти муосири таълимӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон низ саҳми беандозаи худро гузошта, дар доираи лоиҳаҳои инноватсионӣ китобҳои дарсии насли навро таҳия менамояд. Китобҳои дарсии насли нав аз фанни забони русӣ барои синфҳои 2-11-и мактабҳои таҳсилашон бо забони давлатӣ таҳия гардидааст. Дар ҳар як китоби дарсӣ QR-КОД (КЮ-АРРАМЗ) ба супоришҳо ва мустаҳкамкунии маводи таълимӣ, инчунин, аввалин маротиба лоиҳаи навиштан оид ба мавзуи дарс ворид шудааст.

Рамзи QR ба хонандагон барои дастрасӣ ба маводи иловагӣ, ба монанди навор, сабти овозӣ, супоришҳои тафаккурӣ ва тестҳо имкон медиҳад. Ин дар навбати худ омӯзишро ҷолиб менамояд.

Айни замон китобҳои дарсии насли нав аз фанни математика ва забони тоҷикӣ барои синфҳои 5 ва 6-ум омода гардидааст. Дар китобҳои мазкур усули омӯзиши маводи таълимӣ тағйир ёфтааст, ки барои рушди худфаъолиятӣ ва масъулиятнокии хонандагон мусоидат менамояд. QR ва лоиҳаҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки мавод ва супоришро вобаста ба сатҳи омодагӣ мустақилона интихоб намоянд.

Сулаймон ИСМАТОВ,
номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси пешбари шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

28 июн дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ консерти байналмилалӣ таҳти унвони «Садои Ваҳдат» доир гашт.

БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Мо насли истиқлолем!



Мо, ҷавонон, фарзандони истиқлолем. Нафаронем, ки дар фазои соҳибихтиёрӣ, сулҳу осоиштагӣ, ваҳдат ва имкониятҳои нав ба воя расидаем.

Барои чӣ ҷавононро насли истиқлол меноманд? Мехоҳам, матлабамро доир ба ҳамин мавзуъ возеҳу равшан баён намоям.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба даст овардани истиқлол ба ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд. Воқеан, тақя бар неруи ҷавонон дар ҳама давру замон яке аз рукнҳои аслии пешрафти ҷомеа будааст чунин хоҳад монд. Бо ҳамин тартиб, дар фаъолияти қишри аз ҳама нерумандтарини ҷомеа, яъне, ҷавонон тағйироти куллие ба вуҷуд омад ва ин дигаргунӣ, хушбахтона, тавонист, ки барои пешрафт ва рушди ҷомеа заминаҳои созгор ба бор оварад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонон ва дастгирию раҳнамоии онҳоро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон намуданд.

Саркори кишвар ба вазъи мураккаби ҷомеа нигоҳ накарда, нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла, беҳдошти сатҳи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар, ҷойи кор гардидани насли наврас ва мавқеи хосса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир намуданд.

Дар ҳаёти ҳар як ҷавони саодатманди кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», консепсияву стратегияҳои давлатӣ, қабул ва амалигардонии барномаҳои соҳавии давлатӣ, баргузории мулоқотҳои пайвастаи Пешвои миллат бо ҷавонон, роҳандозии як зумра ҳавасмандиҳо, аз қабили стипендияҳои Президентӣ, Ҷоизаи давлатӣ ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, грантҳои ҳукуматӣ бо мақсади дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон, таъсиси Шурои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар зинаҳои роҳбарикунанда таъйин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳангӣ ва бунёди маҷмаа ва майдончаҳои варзишии муҷаҳҳаз ба тариқи замонавӣ, эълон гардидани соли 2017 «Соли ҷавонон»… нақши муҳим мебозанд.

Чаро мо, ҷавонон, Пешвои миллатро идеали худ меҳисобем? Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоди ҷавонмардию ватанпарастӣ, меъмори ваҳдату кафили суботу амниятанд. Бо ҳар ташаббусашон, бо хиради азалияшон, бо пиндору ҳулқу атворашон ба мо, ҷавонон, сабақи инсонгароӣ, ватандорӣ, хештаншиносӣ медиҳанд.

Сарвари давлат ҷавононро захираи тиллоии миллат ва оянадаи кишвар номида, дар пешбурди корҳои ободониву созандагӣ, ҳифзи арзишҳои фарҳангиву маънавӣ ба неруи ҷавонон такя мекунанд.

Бо ҳадафи тақвияти фаъолият ва омӯзиши васеи ҷавонону наврасон озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Шоҳномахонӣ» Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (с. 2020-2040) рӯйи кор омаданд, ки ҳар кадомашон барои рушди маънавӣ, зеҳнӣ ва сайқали маҳорати ҷавонону наврасон нақши арзишманд мегузоранд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки мо, ҷавонон, пайрави воқеии Пешвои миллат ва насли созандаи истиқлол буданамонро бо рафтору кирдори арзанда собит созем, қишри аз ҳама фаъоли ҷомеа бошем, ташаббусҳои нову судманд пешниҳод кунем, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои миллию давлатдориро ҳифз намоем, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвари азизамон бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзем, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, аз равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир огоҳ бошем ва худро аз хавфу хатарҳои идеологӣ эмин нигоҳ дорем. Мо бояд сазовори гуфтаҳои зерини Пешвои миллат амал намоем: «Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аҳаммияти хос касб карда, ҳар як ҷавони бонангу номуси кишварро зарур аст, ки ба омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар машғул шавад, таърихи халқи худро аз бар намояд, Ватанашро чун ҷон дӯст дорад, арзишу суннатҳои фарҳангиро эҳтиром кунад ва худогоҳу худшинос бошад».

Фаромӯш набояд кард, ки мо, ҷавонон, насли истиқлол буданамонро танҳо бо худшиносӣ, худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, дониши комил ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ исбот сохта метавонем ва дар ин самт бояд ҳамеша пешсаф бошем.

Зокирҷон НАЗАРОВ,
омӯзгори забони англисии литсейи давлатии №1-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ

РИСОЛАТ

То илму хирад оинапардоз шавад...

Донишу илм ва маърифату хирад вожаҳои ба ҳам тавъаманд ва аз нигоҳи мантиқ низ якдигарро тақвият мебахшанду мукаммал месозанд. Ва аммо он чизе, ки ин мафҳумҳоро дар нигоҳи мо ба таври барҷаставу равшан ва манфиатбор муҷассам месозад, ақл асту тафаккур.

Дар зиндагии пуршебу фароз ва мураккабу пур аз тазоду низоъ ва кашмакашҳо василаю абзорҳое баҳри такомулу таҳаввул ва рушди ақл арзи ҳастӣ намуд, ки гаронмоятарину азимтаринаш илм ҳисоб меёфту дониш. Инсон тавассути илму донишандӯзӣ ақли хешро тарбият карду равнақ бахшид ва ҷаҳони маънавияшро зинат доду пероя баст. Дар радифи қавму халққо ва миллатҳои гуногун, миллати сарафрозу хирадоини тоҷик, аз қавли Лоиқи бузургвор, «ба хоки дигаре бо ҳамҳамаву дамдама лашкар накашидаву» мароми ҳастию амалаш такя бар хираду маънавият, ки маншаи онро илму дониш ташкил медод, дошт. Ҷангу хунрезӣ, амалҳои ғосибию таҷовузкорона, аслан, бар миллати фарҳангию тамаддунпарвари тоҷик, ки ба таъбири Одамушшуаро Рӯдакӣ, «рози донишро ба ҳар гуна забон гирд кардаву гиромӣ медошт», дар санг ҳосили фаҳмишу хираду хешро ҳаккокӣ мекард, наку медонист, ки илму дониш чароғи равшан ва аз ҳама баду балоҳо инсонро ҷавшан аст. Фирдавсии Тӯсӣ тавоноюи пирӯз ҷангҷӯю золими бадкешро на ки инсони хирадманду донишварро меҳисобид ва фаҳмою нишонрас мегуфт, ки «тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад». Ҷангҷӯю ғосиб ва бадгавҳару нопокзода ононе буданд, ки аз илму дониш бенасиб ва бадгумону худхоҳ маҳсуб меёфтанд. Ин аст, ки ба таъкиди Носири Хусрав:

Илм танро ба ҷойи ҷон бошад,
Сари беилм бадгумон бошад.

Тавре Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» зикр месозанд: «Хирад барои мардуми эронинажод нақше ба ҷуз посдорӣ ва нигоҳдорӣ ва парвариши ҷон, яъне зиндагӣ чизи дигар намебошад. Озурдани ҷон ва ҳамроҳ бо он озурдани хираду андеша бадтарин гуноҳ ва шар (р) аст». Таваҷҷуҳ намоед, озурдани илму хирад ва ашхоси хирадманд ба озурдани ҷон баробар буда! Маҳз аз ин нигоҳ, нақшу моҳият ва аҳаммияти илму донишандӯзӣ ҳамчун воқеият ё ҷанбаи фалсафӣ мақоми волотаринро соҳиб мешавад, ҷомеаи аз хираду маърифат дар фосилаҳо қарордошта ва инсонҳои маҳруми илму дониш ба масал манқуртмаобанду махлуқе беш на! Аз ин зовия, агар ба 35 соли замони соҳибистиқлолӣ бингарем, амиқу неку ба мушоҳида мегирем, ки давлати тозақадами тоҷикон бо Сарвари фазилатоину хирадварзаш анъанаю суннатҳои арзишманди ниёгонро марому мақсади хеш қарор дода, ошкору рӯшан эълом дошт, ки ин ҷомеа бақою ҳастии худро ба василаи илму дониш, фарҳангу маърифат таъмин хоҳад кард, на ҷангу ҳадафҳои ғосибонаю миллатгароёна.

Таҷрибаи давлатдории Ҳукумати Шурой, ба андешаи инҷониб, рӯйи арзишҳои умумибашарӣ ва халқияти ягона (халқи советӣ) ташаккулу истеҳком ёфта буд. Аммо арзишу ормонҳои миллӣ ва ҳувияту истиқлолхоҳӣ канор мондаву ҳар нафаре дар робита ба ин масоил садои додхоҳӣ баланд мекард, саркӯб мешуд. Самари нохушу фоҷеабори ин сохтор бо пош хӯрдани он, сар задани ҷангҳои бемоҳият ва фалокатзою хунин дар қаламрави ҷумҳуриҳо ба ҳисоб мерафт, ки Тоҷикистони тоза ба соҳибистиқлолӣ расида, аз он бадбахтиву бало дур намонд. Ҳарчанд ин ҷанг таҳмилӣ унвонгузорӣ шудааст, вале оташи он ба дасти иддае аз фарзандони бадманишу фурӯмоя афрӯхта гардид. Онон ақлбохтаю нодон набуданд, вале ҳувияту маниши миллӣ ва ғурури тоҷикона надоштанд.

Илму дониш сарвати нодири инсонҳову ҷомеаҳост, он бояд созанда бошад, на сӯзанда. Илму дониш ҳамон вақт сӯзанда мешавад, ки ақли некрой дар ҳастааш хафаю бугӣ ва ҷавҳари одамият маҳв мегардад, ба ин васила, ғаризаи ҳайвонию дарандагии инсонҳо боло мегирад. Вагарна ҳеҷ имкон надошт ва аз рӯйи фаҳмишу пиндор ва ақлию вологуҳарӣ набуд, ки тоҷик сари тоҷик камону теғ бардорад, хун бирезад, хонавайронӣ кунад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври ҳамешагӣ дар суханрониҳои хеш таъкид мекунанд, ки бо ақли дарроку донишу фаҳмиши баланди худ аз воқеаҳои маълуму сабақ андӯзем, дар назди дигар миллатҳо сарафкандаю нотавон ва хиҷолатзада набошем.

Тоҷик аз азал хирадгаро буд, хоҳони дӯстии пойдор бо дигар халқияту миллатҳо ва дорои нерую қудрати бунёдгароию созандагӣ ба шумор мерафт, дар ҳеҷ асру замон кинситезу ниқорталаб ва фурсатталаби ҷангхоҳ набуд. Шояд бар асари таълимоти фалсафии шахшудамондаи қабл аз даврони истиқлол, ки мегуфт, олам аз муборизаи зидҳо иборат аст, даст ба ҷангу татовул зад? Фирефта шуд, дарку фаҳм накард, ки фарҷоми ин муқовимату сангаргириҳо дар моварои ину он кишвару мамолики ҷаҳон бохтан аст… Аммо боз ҳам, баъди муқовимату алайҳи ҳам ситезиданҳо донишу хирад ба сарвақту имдоди миллати тоҷик расид.

Сулҳу ваҳдатӣ таҳким ёфту суботу оромӣ ба рушди минбаъдаи кишвар роҳ кушод. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини ҳукуматдорӣ таваҷҷуҳи хешро ба рушду таҳаввули соҳаи маориф равона сохта, ислоҳоту дигаргуниҳоро дар ин бахши ҳаётан муҳиму калидӣ марҳала ба марҳала амалӣ намуданд. Қабл аз ҳама, барои муассисаҳои таълимии замони соҳибистиқлолӣ таҳияву таълиф ва нашр намудани китобҳои дарсии созгор бо руҳи миллӣ, ки насли наврасро бо арзишҳои фарҳангӣ, адабӣ ва илмии ниёгон шинос менамояд, аз масоили муҳим ва асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Китобҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи халқи тоҷик, забон ва адабиёти тоҷик, алгебра, геометрия, физика, биологияю география, химия ва амсоли инҳо, ки дорои моҳияту ғояи миллӣ буд, тадриҷан таълиф ва нашр гардиданд. Мушкили дигаре, ки дар соҳаи маориф мавҷуд буд, сусту каммоя будани заминаҳои моддию техникии таълимгоҳҳо ба шумор мерафт. Дар ин самт як силсила барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд, ки ба таъмини муассисаҳои таълимӣ бо технологияи нави замони муосир (компютеру тахтаҳои электронӣ, ноутбуку видеопроекторҳо) равона шуданд. Ҳамзамон, муҷаҳҳаз гардонидани синфхонаҳои фаннӣ бо васоити ҷадиди аёнӣ ва озмоишгоҳҳо бо маводи кимиёву асбобу абзори физикӣ аз дигар амалҳои зарурӣ ҳисоб меёфт, ки ин раванд зина ба зина ҳалли амалии худро ёфта истодааст.

Яке аз масоили сангини солҳои баъдиҷангӣ, норасоии мутахассисони варзидаи омӯзгорӣ маҳсуб меёфт. Ин мушкил бо давра ба давра зиёд кардани музди меҳнати устодону омӯзгорон ва қадрдонию ҳавасмандгардонии онҳо ба ҳалли масъала мусоидат намуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзгорони ҷавон як қатор имтиёзҳо муқаррар карда шуд, ки таъмин бо замини наздиҳавлигӣ ва иловапулӣ ба андозаи дах фоиз ба маош тӯли 3 соли кор дар мактаб аз ин қабил ба шумор меравад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф ва илм дар баробари дар сатҳи баланд донистани забони модарӣ, ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғ.) диққати ҳамаҷониба зоҳир менамояд, ки қабули барномаи вижа дар ин бобат аз иқдомҳои назаррас ба ҳисоб меравад. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ба таъсиси муассисаҳои таълимии типи нав-литсейю гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ роҳи васеъ кушода шуд, ки ин омил самараи нек ба бор оварад. Дар масъалаи рушду пешрафти соҳа бо дастури ҳукумат ва давлат, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ фаъолияти идораю зерсохторҳои он куллан таҷдиди назар карда шуд. Ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифтани омӯзгорону устодон бо роҳу шеваҳои навини омӯзиш ва таълим, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-пажуҳишӣ дар самти беҳтар гардидани сатҳу сифати таълиму тарбия ва ғайра, таълифу таҳияи васоити методию таълимӣ ва ёрирасон барои омӯзгорон аз зумраи татбиқи ислоҳот ва такмили низом дар соҳаи маориф мебошад.

Тайи солҳои охир бо мақсади бештару беҳтар ба омӯзишу мутолиаи осори бадеӣ ҷалб намудани насли наврас озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Шоҳномахонӣ» ва ғайра бо дастури Пешвои миллат ба роҳ монда шуданд. Ҳамаи ин ғамхорию ибтикороти Сарвари давлат танҳо ба хотири соҳибмаърифату донишманд гардидани насли наврас ва ҷавонон нигаронида шуд, то онҳо дар оянда ҳамчун мутахассиси варзида дар пешрафту шукуфоии мамлакат саҳми босазо гузоранд.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Душанбе нишасти 5-уми Гурӯҳи кории муштараки Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба мубориза бар зидди терроризм доир шуд.

МУЛОҲИЗА

ЛОЛА ВА СИЁВУШ – РАМЗИ МУҚАДДАСИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Истилоҳи худшиносиро ба маънои шинохт, донистани таъриху фарҳанг, забон, арзишҳо ва мақом дар ҷомеа мефаҳманд. Мафҳуми худшиносӣ ва расидан ба ин ҷавҳар ба инсон кӯмак мекунад, ки асли худро дарк ва роҳи ояндаро дуруст интихоб намояд. Гузаштагонамон дар осори гаронбаҳои худ пайваста зикр кардаанд, ки худшиносӣ аз шинохти шахсият огоз шуда, ба шинохти миллат ва соҳибфарҳангӣ оварда мерасонад. Яъне, худшиносии миллӣ огоҳии халқу миллатҳо аз таърих, забони модарӣ, фарҳангу анъана, арзишҳои миллӣ, шинохту арҷгузорӣ ба қаҳрамонон ва шахсиятҳои таърихӣ мебошад.

Ҳар як миллате, ки қобилияти дарки худшиносии миллӣ дорад, метавонад фарҳанг ва истиқлоли худро, ҳифз намояд. Миллати худшинос мардумро аз фаромӯш кардани решаҳои миллӣ ва пайравии кӯр-кӯрона ба фарҳангҳои бегона нигоҳ медорад.

Зимнан, мехоҳам перомуни фарҳанги баланди халқи тоҷик аз гузаштаи дур ба сӯйи зебоию нафосат, аз ҷумла, эҳтиром гузоштан ба гул – яке аз қадимтарин падидаҳои фарҳангии инсоният, ки тибқи шаҳодати сарчашмаҳо ба даврае мерасад, ки инсон ҳар падидаи зебои табиатро муқаддас мешуморид, андеша баён намоям. Дар ҳақиқат, одамони ҷомеаи бостон ба гул ҳамчун рамзи ҳаёт, ҳосилхезӣ, зебоӣ, эҳёи табиат ва пайванди инсон бо неруҳои осмонӣ муносибат доштанд. Онҳо мушоҳида мекарданд, ки баъди зимистони сарду тӯлонӣ аввал гулҳо чун оғозбахши фасли шукуфтану зебоӣ муждарасон аст. Аз ин рӯ, онҳо рӯзи тавлиди гулро дар табиат нишонаи пирӯзии ҳаёт ба марг медонистанд.

Дар фарҳанг ва ҷаҳонбинии ориёиёни қадим табиат муқаддас буд ва дар баробари чаҳор унсур: оташ, об, замин, бод инсоният ба гиёҳу гулҳо низ ҳамчун неъматҳои табиат эҳтироми хосса доштанд. Гулҳо чун рамзи покӣ, нуру рӯшноӣ, некиву зебоӣ дар чорабинӣ ва ҷашнҳо, хосса, дар ҷашни Наврӯз мақоми махсус доштанд.

Ҳикмати фалсафии гул маънои зиёд дорад, аз ҷумла, зебоӣ – арзишҳои асосии ҳастӣ, нопойдорӣ – чун умри гул зиндагӣ кӯтоҳ аст ва инсон бояд ба қадри зиндагии гузарон бирасад ва ҳар лаҳзаи онро бояд қадр кунад. Фалсафаи камоли гул – аз дона ё пиёзак то гули шукуфон расидан рамзи такомули инсон аст.

Дар як қатор кишварҳои олам ба таври расмӣ ва анъанавӣ, баъзе аз намудҳои гулу рустаниро ба гунаи рамзи муқаддаси фарҳангӣ, миллӣ ё динӣ эҳтиром мекунанд. Ба гунаи мисол, дар Ҳиндустон гули нилуфар (лотос) – рамзи покӣ, маърифат ва офариниш дар ҳиндуия ва буддоия, дар Чин гули лотос (пион) – покӣ, шараф ва саодат, дар Ҷопон сакура – рамзи зебоӣ ва гузарон будани зиндагӣ, дар Непал рододендрон – рамзи табиат ва ҳувияти миллӣ, дар Мисри қадим нилуфари кабуд – рамзи офтоб ва эҳёи ҳаёт, дар Эрон лола – рамзи шаҳодат, ҷоннисорӣ ва муҳаббат, дар Туркия лола – рамзи зебоӣ, биҳишт ва фарҳанги усмонӣ, дар кишварҳои Покистон гули ёсуман, Фаронса гули савсан, Россия гули бобуна, Украина гули офтобпараст, Молдова райҳон ва дигар кишварҳои ақсои олам эҳтироми махсус бо мазмуну муҳтавои хос ба ин офаридаи табиат доранд.

Тоҷикон аз қадим гулдӯстдору зебоипараст ҳастанд ва дар бораи навъи гулҳои лолаву бунафша, наргису сиёҳгӯш, садбаргу настаран, бойчечак, ёсуман, нилуфар ва даҳҳо намуди дигар суруд, афсона, қиссаву ривоятҳо эҷод намуда, ба муносибаташон ҷашнҳо барпо мекарданд. Маросимҳои машҳури «Гулгардонӣ», «Сайри лола» дар ҷашни Наврӯз аз он шаҳодат медиҳанд, ки гул барои рӯзгори тоҷикон ҳамчун рамзи баҳору умед, зебоӣ ва зиндагии нав пазируфта шудааст. Яъне, ҳикмати гул аз дарки инсон нисбат ба табиат сарчашма мегирад ва онро дар баробари фарҳангҳои ҷаҳон мо низ дар асл эҳтиром ба ҳаёт, табиат ва ҳикмати офариниш медонем.

Яке аз намуди гулҳо дар фарҳанги халқи тоҷик аз қадим маъмулу соҳибэҳтиром гули сиёвуш (дар баъзе минтақаҳо бо номи сиёҳгӯш ва бойчечак» низ маълум аст) мебошад. Он яке аз гулҳои зебои ороишӣ буда, дар фарҳанги тоҷикон рамзи зебоӣ, таровати баҳор ва эҳёи табиат ба шумор меравад. Гарчанде ки дар сарчашмаҳои таърихии қадим маълумоти зиёд дар бораи ин гул вуҷуд надорад, он дар муҳити боғдорӣ ва фарҳанги мардумӣ ҷойгоҳи хос дорад. Гули сиёвуш нисбат ба лола дар сарчашмаҳои хаттӣ камтар ёд шудааст, аммо дар фарҳанги мардумӣ ва боварҳои маҳаллӣ ҷойгоҳи хосса дорад ва онро аз аввалин паёмрасонҳои фасли баҳор,



оғози киштукор ва зиндашавии табиат медонанд.

Нисбат ба гули сиёвуш аз қадим дар баъзе аз маҳалҳо бовар доштанд, ки баракат ва файзи баҳорро ба хона меорад. Аз ин рӯ, онро дар рӯзҳои аввали баҳор ҷамъоварӣ мекарданд ё дар хона нигоҳ медоштанд. Мувофиқи ривояти дар китоби «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ омада ва боварҳои мардумӣ, аз хуни рехтаи қаҳрамони асотирӣ – Сиёвуш дар рӯйи замин гуле мерӯяд, ки онро гули сиёвуш ё сиёвушон меноманд. Дар мазмуни достон Сиёвуш бегуноҳ кушта мешавад ва марги ӯ яке аз ғамангезтарин қиссаҳои «Шоҳнома» аст. Мардуми Эрон ва Турон аз ин ҳодиса мотам мегиранд. Он муборизаи ҳақ бар зидди ноҳақӣ, покӣ бар зидди фитна ва адолатро таҷассум мекунад. Аз ҳамин сабаб, номи Сиёвуш ва гули сиёвуш то кунун дар фарҳанг ва адабиёти тоҷик зиндаву побарҷо мондааст. Ривояти рӯйидани гул аз хуни Сиёвуш нишон медиҳад, ки ҳақиқат ва некӣ ҳатто баъд аз марг низ дар хотираи мардум ҷовидон мемонад.

Дар баробари гули сиёвуш, гузаштагонамон ба гули лола, ки яке аз рамзҳои қадимтарин ва машҳуртарини зебоию нафосат дар фарҳангу тамаддуни тоҷикон ба шумор меравад, то ба ҳол эҳтиром доранд. Лола бо рангҳои сурх, зард, сафед, гулобӣ, бунафш ва рангоранг дар мавсими гулкунӣ (март-май) зиннатбахши дашту даман мегардад. Ин гул аз замони бостон дар сарзамини тоҷикон мерӯид ва дар адабиёт, санъат, расму оинҳо ва ҷаҳонбинии мардум ҷойгоҳи махсус дошт. Паҳноии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, сарзамини таърихии тоҷикон, яке аз марказҳои асосии паҳншавии лола дар дунё ба ҳисоб меравад. Дар кӯҳҳо ва даштҳои Тоҷикистон даҳҳо намуди лолаи худрӯй мерӯяд. Бисёр олимон бар он назаранд, ки баъзе аз навъҳои лола аз ҳамин минтақа ба дигар кишварҳо паҳн шудаанд.

Аз қадим то ба ҳол лола дар зиндагӣ, адабиёт, санъат ва расму оинҳои тоҷикон ҷойгоҳи арзишманд дошта, яке аз нишонаҳои муҳимми фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Аҳли қалам, бахусус, адибони тоҷик, дар осорашон лоларо ҳамчун рамзи зебоӣ, ҷавонӣ, муҳаббат, покӣ ва бархе шаҳодату ҷоннисорӣ васф кардаанд. Дар мазмуни яке аз ривоятҳои мардумии тоҷику форс – афсонаи «Хуни дилдода» гуфта мешавад, ки ҷавоне дар роҳи ишқ ҷонро аз даст медиҳаду аз қатраҳои хуни ӯ дар саҳро лолаҳои сурх мерӯянд. Аз ҳамин сабаб гули лола ҳамчун рамзи ишқи поку вафодорӣ, ҷоннисорӣ дар роҳи ишқ ва ҷавонӣ маъмул гардидааст. Ё дар андешаи фалсафии гузаштагонамон лоларо рамзи ҳаёт ва марг ва аз гузарон будани зиндагӣ ва нопойдории ҷаҳон медонанд. Дар он рамзи ишқ ва фидокорӣ - ранги сурх, рамзи ишқи сӯзон, ошиқи ҳақиқӣ, муҳаббат ва доғи сиёҳи миёни лоларо аз доғи ишқи поки ошиқ мепиндоранд. Сар аз хок баровардани лоларо рамзи эҳёи табиат, навшавӣ ва пирӯзии зиндагӣ бар марг меҳисобиданд.

Ҳунармандону наққошон аз муҳаббати зиёде, ки ба он доранд, нақши лоларо дар гулдӯзӣ, чакан, кандакорӣ, наққошӣ, заргарӣ ва ғайра фаровон истифода мебаранд. Дар намунаҳои бисёри чакани тоҷикӣ нақши лола яке аз унсурҳои асосии ороишӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки яке аз оинҳои қадимии баҳорӣ дар фарҳанги тоҷикон «Гулгардонӣ» мебошад, ки пеш аз ҷашни Наврӯз ё дар рӯзҳои аввали баҳор баргузор мегардад. Гулгардонӣ истифода аз гули сиёвуш суруди маъмулӣ дошт ва он дар баъзе аз минтақаҳо каме фарқ мекард, вале мазмуни он асосан як буд. Ин маросим ба истиқболи бедории табиат, омадани баҳор ва оғози соли нав бахшида мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки дар замони истиқлол ҳамчун арҷгузорӣ ба анъана ва суннатҳои миллии аҷдодонамон ибтидо аз 13 декабри соли 2018 дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҷашни «Сайри гули лола» бо баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ ва ҷашни умумимиллӣ роҳандозӣ мегардад. Ҳадафҳои асосӣ аз амали ин ташаббус ободу зебо гардонидани шаҳру деҳот, рушди фарҳанги гулпарварӣ, бедор намудани завқи зебоипарастӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологӣ ва муҳимтар аз ҳама, эҳёи анъанаҳои қадимаи тоҷикон вобаста ба сайри гули лола мебошад.

Ғазалшоҳ САФАРЗОДА,
мушовири ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих

АНДЕША

Сулҳу ваҳдат поянда бод!

Ваҳдат ҳамдиливу дӯстӣ ва амнияти ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, барои сарҷамъиву муттаҳидӣ ҳар як узви ҷомеа бояд аз як гиребон сар барорад, ба наъфи Ватану миллат хидмат намоянд. Ин аҳду паймон ҷузъе аз иттиҳоду ваҳдат аст, ки бароямон имкон фароҳам меорад, то якдигарро иззату эҳтиром ва қадр намоем. Ҳамдиливу ҳамбастагӣ моро ба қуллаҳои мурод, ба он ҳадафу мақсаде, ки дар пеш гузоштаем, мерасонад.

Агар тинҷиву амонӣ дар кишвар ҳукмфармо набошад, на дӯстӣ асту на сарҷамъӣ ва ҳамдиливу ҳамраъйӣ. Аз ин хотир, тинҷиву амонӣ муҳимтарин



дастовардест, ки моро ба сӯйи шукуфоӣ мебарад. Бинобар ин, бояд тамоми кӯшишу талоши хешро барои таҳкими он равона сохта, ободонӣ, рушд, пешрафт, муваффақият, шукуфоӣ ва ваҳдату истиқлолро ҳамеша тараннум намоем.

Вазифаи аҳли ҷомеа аст, ки наврасону ҷавононро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намоянд ва ба онҳо таъкид кунанд, ки истиқлолу озодӣ ва сулҳу субот ба осонӣ ба даст наомадааст. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ин неъматҳои бебаҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Масрур ЗОКИРЗОДА,
муовини директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Форуми сармоягузории СҲШ имконоти сармоягузории Тоҷикистон муаррифӣ гардид.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти ҳаждаҳум (синфҳои 8 ва 9)



Ҳисоб намудани қиматҳои ифодаҳои алгебравӣ

Масъалаи 86. Ададҳои p, q, r ҳақиқӣ буда, $p + q + r = 5$ ва $\frac{1}{p+q} + \frac{1}{q+r} + \frac{1}{p+r} = 9$ мебошад.

Ифодаи $\frac{r}{p+q} + \frac{p}{q+r} + \frac{q}{p+r}$ ба чӣ баробар аст?

Масъалаи 87. Айниятро исбот кунед:

$$\frac{a_1}{a_2(a_1+a_2)} + \frac{a_2}{a_3(a_2+a_3)} + \ldots + \frac{a_n}{a_1(a_n+a_1)} =$$
$$= \frac{a_2}{a_2(a_1+a_1)} + \frac{a_3}{a_2(a_2+a_3)} + \ldots + \frac{a_n}{a_n(a_n+a_1)}.$$

Масъалаи 88. Агар $a + b + c = 0$ бошад, исбот кунед, ки $\frac{a^5+b^5+c^5}{5} = \frac{a^3+b^3+c^3}{3} \cdot \frac{a^2+b^2+c^2}{2}$ мешавад.

Ҳалли масъалаҳо

86. Ҳал. Ду ифодаи додашударо бо ҳамдигар зарб ва пайдо мекунем:

$$5 \cdot 9 = (p+q+r)\left(\frac{1}{p+q}+\frac{1}{q+r}+\frac{1}{p+r}\right) = \frac{p+q+r}{p+q}+\frac{p+q+r}{q+r}+\frac{p+q+r}{p+r} =$$
$$= 1 + \frac{r}{p+q} + 1 + \frac{p}{q+r} + 1 + \frac{q}{p+r} = 3 + \frac{r}{p+q} + \frac{p}{q+r} + \frac{q}{p+r}.$$

Ё ки $3 + \frac{r}{p+q} + \frac{p}{q+r} + \frac{q}{p+r} = 45$ ё $\frac{r}{p+q} + \frac{p}{q+r} + \frac{q}{p+r} = 42$ мешавад.

Ҷавоб: 42.

87. Исбот. Айнияти матлубро аз баробарии $\frac{a}{b(a+b)} = \frac{1}{b} - \frac{1}{a+b}$ истифода бурда, исбот мекунем:

$$\frac{a_1}{a_2(a_1+a_2)} + \frac{a_2}{a_3(a_2+a_3)} + \ldots + \frac{a_n}{a_1(a_n+a_1)} =$$
$$= \left(\frac{1}{a_2} - \frac{1}{a_1+a_2}\right) + \left(\frac{1}{a_3} - \frac{1}{a_2+a_3}\right) + \ldots + \left(\frac{1}{a_1} - \frac{1}{a_n+a_1}\right) = \left(\frac{1}{a_1} - \frac{1}{a_1+a_2}\right) +$$
$$+ \left(\frac{1}{a_2} - \frac{1}{a_2+a_3}\right) + \ldots + \left(\frac{1}{a_n} - \frac{1}{a_n+a_1}\right) = \left(\frac{1}{a_2} - \frac{1}{a_2+a_3}\right) + \ldots + \left(\frac{1}{a_n} - \frac{1}{a_n+a_1}\right) =$$
$$= \frac{a_2}{a_1(a_1+a_2)} + \frac{a_3}{a_2(a_2+a_3)} + \ldots + \frac{a_1}{a_n(a_n+a_1)}.$$

Ҳамин тавр, айнияти матлуб исбот шуд.

Ҷавоб: Исбот шуд.

88. Исбот. 1) $a + b + c = 0$-ро ба намуди $a + b = -c$ навишта, ҳар ду тарафи онро ба квадрат бардошта, пайдо мекунем:

$(a+b)^2 = (-c)^2$; $\quad a^2 + 2ab + b^2 = c^2$;

$2ab = c^2 - a^2 - b^2$; $\quad ab = \frac{c^2-a^2-b^2}{2}$.

2) Акнун $a + b + c = 0$-ро ба намуди $a + b = -c$ навишта, ҳар ду тарафи онро ба куб бардошта, пайдо мекунем:

$(a+b)^3 = (-c)^3$; $\quad a^3 + 3ab(a+b) + b^3 = -c^3$;

$a^3 + 3ab(-c) + b^3 = -c^3$; $\quad a^3 + 3abc + b^3 = -c^3$;

$a^3 + b^3 + c^3 = 3abc$; $\quad abc = \frac{c^3+a^3+b^3}{3}$.

3) Акунун $c = -(a + b)$ навишта, $a^5 + b^5 + c^5$-ро табдил медиҳем:

$$a^5+b^5+c^5 = a^5+b^5+(-(a+b))^5 = a^5+b^5-(a^5+5a^4b+10a^3b^2+10a^2b^3+5ab^4+b^5) =$$
$$= -(5a^4b + 10a^3b^2 + 10a^2b^3 + 5ab^4) = -5ab(a^3 + 2a^2b + 2ab^2 + b^3) =$$
$$= -5ab((a+b)(a^2-ab+b^2) + 2ab(a+b)) = -5ab(a+b)(a^2-ab+b^2) + 2ab) =$$
$$= -5ab(a+b)(a^2-b^2+ab^2).$$

Акнун ба ҷойи $a + b$ ва ab (ab-и дохили қафс) мувофиқан $a + b = -c$ ва $ab = \frac{c^2-a^2-b^2}{2}$-ро ба баробарии охирон гузошта, ҳосил мекунем:

$$= -5ab(-c)(a^2+b^2+) = \frac{c^2-a^2-b^2}{2} = 5abc \cdot \frac{a^2+b^2+c^2}{2}.$$

Пас, $a^5 + b^5 + c^5 = 5abc \cdot \frac{a^2+b^2+c^2}{2}$ мешавад.

Азбаски $abc \cdot \frac{a^3+b^3+c^3}{3}$ аст, қимати abc-ро ба ифодаи охирон гузошта пайдо мекунем.

$$a^5 + b^5 + c^5 = 5 \cdot \frac{a^3+b^3+c^3}{3} \cdot \frac{a^2+b^2+c^2}{2}.$$

Ҳар ду тарафи баробарии охиронро ба 5 тақсим ва ҳосил мекунем:

$$\frac{a^5+b^5+c^5}{5} = \frac{a^3+b^3+c^3}{3} \cdot \frac{a^2+b^2+c^2}{2}.$$

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ

НЕРУИ ПЕШБАРИ ҶОМЕА

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки рақобат барои дониш, технология ва захираҳои инсонӣ рӯз аз рӯз шиддат мегирад, нақши низоми маориф дар рушди давлатҳо аҳаммияти бештар касб мекунад.

Омӯзгорони ҷавон ва сифати таълиму тарбия

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо дастгирии пайвастаи давлат барои баланд бардоштани мақоми омӯзгор, беҳтар намудани шароити фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос тадбирҳои муҳимму муассир амалӣ гардидаанд. Дар чунин шароит омӯзгорони ҷавон ҳамчун насли нави зиёиёни ҷомеа дар раванди навсозии низоми таълим нақши муҳим доранд.

Хусусияти муҳимми омӯзгорони ҷавон дар он аст, ки дар даврai рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва тағйироти амиқи иҷтимоӣ фаъолият менамоянд. Ҷомеаи муосир аз муассисаҳои таълимӣ омода намудани насли соҳибдониш, рақобатпазир ва мутобиқ ба талаботи замонро тақозо менамояд. Барои амалӣ гардидани ин ҳадафҳо омӯзгор ҳамчун раҳнамо, тарбиятгар ва ташаккулдиҳандаи малакаҳои ҳаётии хонандагон хидмат мекунад. Дар ин самт, омӯзгорони ҷавон бо ҷаҳонбинии муосир, тафаккури эҷодӣ ва омодагӣ ба қабули навгониҳо метавонанд имкониятҳои бештар дошта бошанд.

Яке аз бартариҳои омӯзгорони ҷавон қобилияти зуд мутобиқ шудан ба технологияҳои нав мебошад. Имрӯз истифодаи воситаҳои рақамӣ, платформаҳои таълимӣ, захираҳои электронӣ ва усулҳои интерактивии омӯзиш ба қисми ҷудонашавандаи раванди таълим табдил ёфтааст. Омӯзгорони ҷавон одатан ба истифои воситаҳои зикршуда метавонанд дарсҳоро самаранок гузаронанд. Технологияҳои муосир имконият медиҳанд, ки хонандагон дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд, қобилияти таҳлил ва тафаккури мустақили онҳо рушд ёбад ва шавқу рағбаташон ба омӯзиш бештар гардад.

Дар баробари ин, омӯзгорони ҷавон дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва фарҳанги муошират насли наврас низ саҳми муҳим доранд. Ҷомеаи муосир ба ҷавононе ниёз дорад, ки дорои ҷаҳонбинии солим ва эҳсоси баланди масъулият бошанд. Маҳз омӯзгор метавонад дар ташаккули чунин шахсият нақши муассир гузорад.

Бо вуҷуди имкониятҳои васеъ ва неруи эҷодие, ки омӯзгорони ҷавон доранд, оғози фаъолияти касбии онҳо бо як қатор мушкилот ҳамроҳ аст. Яке аз масъалаҳои асосӣ надоштани таҷриба мебошад. Гарчанде муассисаҳои таҳсилоти олӣ донишҳои назариявии заруриро фароҳам меоранд, фаъолияти мустақилонаи омӯзгорӣ таҷриба, маҳорати идоракунии синф ва қобилияти ҳалли масъалаҳои педагогиро талаб мекунад. Дар солҳои аввали фаъолият бисёр омӯзгорони ҷавон ба дастгирии ҳамкорони соҳибтаҷриба ва муҳити солими касбӣ эҳтиёҷ доранд.

Масъалаи дигар ба мушкилоти методӣ ва педагогӣ вобаста мебошад. Имрӯз аз омӯзгор истифодаи усулҳои муосири таълим, муносибати инфиродӣ ба хонандагон ва ташкили муҳити фаъоли омӯзиш талаб карда мешавад. Барои баъзе омӯзгорони ҷавон татбиқи ин талабот дар амал осон нест, зеро байни донишҳои назариявӣ ва воқеияти фаъолияти ҳаррӯзаи мактабӣ баъзан фарқият вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, такмили мунтазами ихтисос ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам аҳамияти калон дорад.

Дар фаъолияти омӯзгорони ҷавон мушкилоти равонӣ низ ҷой доранд. Масъулияти баланд дар назди ҷомеа, зарурати муошират доимӣ бо хонандагон, волидон ва ҳамкорон, инчунин, кӯшиши собит намудани маҳорати касбӣ метавонад боиси фишори равонӣ гардад. Дар чунин шароит, мавҷуд будани фазои солими ҳамкорӣ ва дастгирӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои рушди касбии омӯзгор аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ҳамзамон, масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ ба фаъолияти омӯзгорони ҷавон нақши муҳим мегузоранд. Шароити зиндагӣ, имкониятҳои рушди касбӣ, сатҳи ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии иҷтимоӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба муносибати ҷавонон нисбат ба касби омӯзгорӣ таъсир мерасонанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар сурати муҳайё будани шароити мусоид ҷавонони соҳибистеъдод бештар ба фаъолияти омӯзгорӣ рӯ меоранд.

Дар воқеъ, омӯзгорони ҷавон яке аз захираҳои муҳимтарини рушди соҳаи маориф ва ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Онҳо бо неруи зеҳнӣ, ҷаҳонбинии муосир ва қобилияти татбиқи навовариҳо метавонанд дар баланд бардоштани сифати таълиму тарбия саҳми назаррас гузоранд. Ҳалли мушкилоти касбӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо, таҳкими мақоми иҷтимоии омӯзгор ва фароҳам овардани шароити муносиби фаъолият на танҳо ба рушди низоми маориф, балки ба пешрафти ҷомеа ва давлат мусоидат хоҳад кард. Зеро ояндаи ҳар миллат аз сатҳи дониш ва тарбияи насли наврас вобаста аст, ки дар ин сол нақши омӯзгори ҷавон бузург мебошад.

Эҳсон НАВРӮЗЗОДА,
ҷонишини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров

НЕЪМАТИ ДАВРОН

Марҳалаи созандагию ободкорӣ

Истиқлоли давлатӣ барои миллати тоҷик танҳо рамзи озодӣ не, он оғози эҳёи давлатдорӣ, худшиносии миллӣ ва эҳёи арзишҳои фарҳангиву маънавӣ гашт. Маҳз бо шарофати истиқлол миллати тоҷик имконият пайдо кард, ки сарнавишти худро мустақилона муайян кунад, сиёсати дохиливу хориҷии худро роҳандозӣ намояд ва барои наслҳои оянда пояҳои устувори давлатдориро бунёд созад.

Маориф дар даврони истиқлол яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ гардид. Садҳо муассисаи нави таълимӣ сохта шуда, шароити омӯзиш барои хонандагон ва донишҷӯён беҳтар шуд. Ҷавонони тоҷик имконият пайдо карданд, ки дар беҳтарин донишгоҳҳои ҷаҳон таҳсил намуда, ҳамчун мутахассисони варзида дар рушди кишвар саҳм гузоранд. Ин ҳама нишонаи он аст, ки давлат ба неруи зеҳнӣ ва оянда и миллат таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Ҳамзамон, соҳаи тандурустӣ низ рушд кард. Бунёди марказҳои тиббии замонавӣ, ворид гардидани технологияҳои муосир ва баланд шудани сатҳи хидматрасонии тиббӣ нишон медиҳанд, ки ҳифзи саломатии мардум аз ҳадафҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад.

Дар баробари пешрафтҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ ва арзишҳои таърихии тоҷикон низ аҳаммияти калон пайдо кард. Ҷашнҳои миллӣ, эҳёи анъанаҳои неки нигён, арҷгузорӣ ба забони давлатӣ ва муаррифии фарҳанги тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ боиси болоравии ҳисси худшиносии миллӣ гардиданд. Тоҷикистон имрӯз ҳамчун кишвари дорои фарҳанги қадима ва тамаддуни бой дар ҷаҳон шинохта мешавад. Сиёсати хориҷии кишвар низ дар солҳои истиқлол ба таври назаррас рушд кард. Тоҷикистон бо бисёр кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда, ҳамчун давлати сулҳпарвар ва ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ эътироф гардид. Пешниҳодҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти ҳифзи захираҳои об ва масъалаҳои экологӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд, ки ин мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Тоҷикистон бо вуҷуди ҳама мушкилоту озмоишҳо, тавонист пояҳои давлатдории худро мустаҳкам созад ва роҳи рушди устуворро интихоб намояд. Албатта, ҳанӯз вазифаҳои зиёде дар пешанд, аммо таҷрибаи гузашта нишон медиҳад, ки миллати тоҷик бо ваҳдат, заҳмат ва муҳаббат ба Ватан метавонад ба ҳадафҳои бузургтар низ бирасад.

А. ХОЛИҚОВ,
директори МТМУ №6-и ноҳияи Зафаробод

Иқтидорҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар муколамаи панелии Форуми ОРЕС дар шаҳри Вена муаррифӣ шуд.

Чу айби тани хеш донад касе,
Зи айби касон ӯ нагӯяд басе.
Абулқосими Фирдавсӣ

АМАЛИ НОМАТЛУБ

Таҳкими ислоҳоти зиддикоррупсионӣ

Дар марҳалаи муосири рушд масъалаи муқовимат бо коррупсия самти афзалиятноки сиёсати тамоми давлатҳо маҳсуб ёфта, дарёфти роҳҳои нави паст намудани шиддати ин падидаи номатлуб дар меҳвари таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро коррупсия ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии давлатҳо, ҷалби сармояи хориҷӣ, амалисозии лоиҳаҳои давлатӣ, дастрасӣ ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва таъмини волоияти қонун монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад.



Таҷрибаи кишварҳои пешрафти ҷаҳон нишон медиҳад, ки қабул ва татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ яке аз роҳҳои асосии пешгирии хавфҳои коррупсионӣ мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ хатари коррупсияро амиқ дарк намуда, таъмини рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро танҳо бо роҳи муборизаи қатъӣ алайҳи ин падидаи манфур имконпазир донистанд. Аз ин рӯ, муқовимати пайваста бо ин зуҳуроти номатлуб ҳамчун ҳадафи олии Давлату Ҳукумати мамлакат қарор гирифт.

Баҳри амалӣ намудани ин сиёсат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабул ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ аҳаммияти хосса медиҳад. Дар заминаи ин ҳуҷҷатҳо ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия муайян карда мешаванд.

Дар давоми ду даҳсолаи охир дар кишвар барномаҳои миёнамуҳлат, аз қабили «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012», «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» қабул ва татбиқ гардиданд.

Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст, барномаи сеюми зиддикоррупсионии мамлакат маҳсуб меёбад.

Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ду марҳалаи панҷсола, яъне, солҳои 2021-2025 ва 2026-2030-ро дар бар мегирад. Ҳуҷҷати мазкур аз 195 банд иборат буда, бобҳои он ба панҷ гурӯҳ, аз ҷумла, муқаррароти умумӣ, мақсад, вазифа ва принсипҳои татбиқи стратегия, самтҳои асосӣ, механизми амалигардонӣ, инчунин, мониторинг ва баҳодиҳӣ чудо карда шудаанд.

Дар навбати худ, боби сеюми стратегия ба даҳ самти афзалиятноки сиёсати давлатии зиддикоррупсионии кишвар барои давраи миёнамуҳлат равона шудааст. Ин самтҳо мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ва таҳлили вазъи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионио дар бар мегиранд. Инчунин, тақвияти муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои хизмати давлатӣ, маориф, тандурустӣ, андозу гумрук ва хариди давлатӣ пешбинӣ шудааст. Чораҳои мазкур ба дигар соҳаҳои аз нигоҳи коррупсия осебпазир низ дахл доранд.

Таҳлили вазъи иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегия дар марҳалаи якум (солҳои 2021-2026) собит намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои пешгирифта дар самти муқовимат ба коррупсия тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида истодааст.

Дар ин замина, аз 70 банди тадбирҳои нақшаи чорабиниҳо, ки барои марҳалаи якум пешбинӣ шуда буданд, иҷрои 66 банд ё 94,3 фоизи онҳо пурра таъмин гардид. Иҷрои бандҳо ба зиммаи 22 субъекти татбиқ ҳамчун иҷрокунандагони асосӣ вогузор шуда буд ва 6 банди дигар хусусияти умумӣ дошт. Чунин нишондиҳанда собит месозад, ки самаранокии татбиқи чорабиниҳои банақшагирифташуда дар қиёс бо дигар ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавӣ мусбат арзёбӣ мегардад.

Дар ҳамин ҳол, иҷрои 4 банди нақша бо сабабҳои объективӣ қисман ё пурра таъмин нагардидааст. Ин бандҳо дар марҳалаи дуюми панҷсолаи амалисозии стратегия аллакай ба эътибор гирифта шудаанд ва ҷиҳати таъмини иҷрои онҳо дар давраи минбаъда чораҳои иловагӣ амалӣ мегарданд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати идомаи ислоҳоти соҳавӣ Нақшаи чорабиниҳои марҳалаи дуюмро (солҳои 2026-2030) таҳия намуд. Ин ҳуҷҷат дар асоси банди 4-и Нақшаи кори Шурои миллии муқовимат ба коррупсия барои соли 2025, ки аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, №2к/31-56 тасдиқ шудааст, омода гардид. Барои таҳияи он гурӯҳи корӣ байниидоравӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, ниҳодҳои давлативу ғайридавлатӣ, доираҳои илмӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд таъсис дода шуд. Нақшаи мазкур бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми марти соли 2026, №1145 тасдиқ гардид.

Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегия аз 11 боб ва 72 банд иборат аст. Дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба бартараф намудани омилҳои инсонӣ бо роҳи рақамикунонии соҳаҳои гуногун ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ равона шудааст.

Бо ташаббуси Сарвари давлат солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидааст. Паёми Президенти мамлакат (16.12. 2025) низ руҳияи созандаву инноватсионӣ дошта, ба ин раванд такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ҳамин замина, ба вазорату идораҳо ва мақомоти марбутаи давлатӣ дастур дода шуд, ки ҷиҳати рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ҳарчи зудтар заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам оранд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рақамикунонии фаъолияти мақомоти давлатӣ яке аз роҳҳои муосири расидан ба ҳадафҳои зиддикоррупсионӣ мебошад. Ин амал, бахусус, дар самти хидматрасониҳо, барои аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ва пешгирии заминаҳои коррупсионӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар партави сиёсати дурбинонаи Сарвари давлат оид ба эълон гардидани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», дар марҳалаи дуюми нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегия ба рақамикунонии соҳаҳои мухталиф аҳаммияти хосса дода шудааст. Дар ин самт 17 банди махсус пешбинӣ гардидаанд.

Бо амалӣ намудани талаботи бандҳои мазкур омилҳои инсонӣ ба маротиб коҳиш меёбанд. Ин раванд ба паст намудани шиддати коррупсия, аз байн бурдани шароитҳои ба он мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии пешбинишуда кумак хоҳад кард.

Бояд қайд кард, ки субъектҳои татбиққунандаи стратегия ва нақшаи чорабиниҳои он ба се гурӯҳ чудо мешаванд. Ба ин гурӯҳҳо иҷрокунандагони асосӣ, ҳамиҷрокунандагон ва субъектҳои масъул барои иҷрои бандҳои умумӣ дохил мегарданд. Дар ин раванд вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҳамиҷрокунанда вазифадоранд, ки маълумотро дар муҳлатҳои муқарраршуда бевосита ба иҷрокунандаи асосӣ пешниҳод намоянд.

Дар бандҳои алоҳидаи нақша номгӯи вазорату идораҳо вобаста ба соҳаи фаъолияташон пайиҳам дарҷ шудааст. Мақомоте, ки дар аввали рӯйхат қайд мегардад, ба ҳайси иҷрокунандаи асосӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ҳамчун ҳамиҷрокунанда ба ҳисоб мераванд.

Тибқи Нақшаи чорабиниҳои татбиқи стратегия, таъмини иҷрои талаботи бандҳо ба ҳайси иҷрокунандагони асосӣ, дар маҷмуъ, ба зиммаи 23 вазорату идора, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор шудааст.

Тибқи муқаррароти сархати якуми банди 3-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, №222, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадор шудаанд, ки нақшаҳои кории дохилиидоравиро барои ҳар сол таҳия ва тасдиқ намоянд. Ин тадбирҳо ҷиҳати таъмини иҷрои самараноки стратегия ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он равона гардидаанд.

Сохторҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ вазифадоранд, ки дар нақшаҳои кории худ вазифаҳои аз ҷониби мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ вогузоршударо пешбинӣ намоянд. Дар ин раванд набояд ба ворид кардани бандҳои ба муқовимат ба коррупсия рабтнадошта роҳ дода шавад. Ҳамчунин, набояд фаромӯш кард, ки барномаҳои дохилиидоравӣ танҳо аз ҷониби мақомоти марказӣ қабул мешаванд ва чунин тартиби тасдиқ ба сохторҳои маҳалливу минтақавии онҳо паҳн намегардад.

Ҳангоми тартиб додани нақшаи дохилиидоравӣ ному насаб ва вазифаи масъулон ва муҳлати иҷро бояд мушаххас нишон дода шаванд. Инчунин, маводи марбут ба таъмини иҷрои стратегия бояд ба таври хронологӣ дар бастаи алоҳида ҷойгир карда шаванд.

Мавриди ба зикр аст, ки тибқи талаботи банди 20-и моддаи 25-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаҳои татбиқи онҳо ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд маҳсуб меёбад. Дар сурати роҳ додан ба чунин қонуншиканӣ, шахси масъул дар асоси моддаи 663(1)-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Бинобар ин, тамоми шахсони масъули иҷрои нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ вазифадоранд, ки иҷрои воқеӣ ва самараноки тадбирҳои пешбинишударо сари вақт таъмин намоянд. Онҳо бояд аз натиҷаи корҳои анҷомдодаи худ дар муҳлатҳои муқарраршуда ба роҳбари аввали мақомот бо замимаи ҳуҷҷатҳои асоснок гузориш пешниҳод кунанд, то иҷрои бандҳо аз назорат бароварда шавад.

Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 давоми мантиқии сиёсати зиддикоррупсионии давлат маҳсуб меёбад. Ин ҳуҷҷат кафолати ноил шудан ба дастовардҳои минбаъда дар ин самт мебошад.

Маҷмуи чораҳои назоратӣ, санҷишӣ, таҳлилӣ, ахборӣ ва арзёбии тадбирҳо, ки давра ба давра амалӣ мешаванд, ба татбиқи ҳадафҳои сиёсии Ҳукумати кишвар бевосита мусоидат мекунанд.

Албатта, иҷрои саривақтӣ ва босифати бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳо аз ҳисси баланди миллӣ, масъулиятшиносӣ ва садоқат ба Ватан вобаста буда, ин раванд, инчунин, маҳорати касбии ҳар як фарди хештаншиносу худогоҳро талаб мекунад. Тамоми вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллӣ, ташкилоту муассисаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд зери сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегияи мазкур якҷоя талош намоянд.

Нодир Носир АКМАЛЗОДА,
сардори раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники адлия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

БИОЛОГИЯ

Мехак – рустании шифобахш

Мехак (гвоздика) яке аз растаниҳои бисёрсола ба шумор меравад. Ин рустанӣ дар мамлакатҳои Аврупо, Эрон, Қафқоз ва дигар минтақаҳое, ки иқлимашон серборӣ ҳастанд, сабзишу нашъунамо мешавад.

Дар мехак оббухоркунӣ зиёд ба назар расида, хусусиятҳои шифобахширо доро мебошад. Гули хушконидашудаи онро ҳамчун табобатӣ истифода бурдан мумкин аст, ки дар таркибаш равғани эфир, йод, қанд ва дигар витаминҳо мавҷуд мебошад. Даҳ дона гули хушки мехакро гирифта, дар зарфи 200 мл об меҷӯшонем. Ин оби ҷӯшонидашударо дар як стакон гирифта, агар ҳар бегоҳ нӯшем, асабро ором ва хунро тунук месозад, ки ин шахсро аз фишорбаландӣ ва дигар бемориҳо эмин нигоҳ медорад. Инчунин, агар якчанд донаи мехакро гирифта, ба зери дандонҳоямон гузорем, милкҳои дандонро мустаҳкам гардонида, дарди онҳоро бартараф месозад. Истифодаи мехак барои ҳалшавии ғизо дар узвҳои ҳозима низ фоидабахш мебошад.

Хуллас, гулҳои хушконидашудаи мехак дар тибби мардумӣ ба таври васеъ истифода мешавад.

Заррина ҚУРБОНОВА,
омӯзгори биологияи гимназияи барои хонандагони лаёқатманди ба номи А. Балъамии шаҳри Ваҳдат

Байни Тоҷикистон ва Фонди кувайтии рушди иқтисодиёти араб оид ба лоиҳаи «Рушди мактабҳо» созишномаи қарзӣ ба имзо расид.

ЯК РӮЗ ДАР КӮДАКИСТОН

Ноҳияи Айнӣ: ДАСТОВАРД ВА МУШКИЛОТ

Таълиму тарбияи кӯдакон дар синни томактабӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду инкишофи кӯдакон ва омодасозии онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои томактабии ноҳияи Айнӣ як қатор тадбирҳои назаррас амалӣ гардида истодаанд. Дар ноҳия шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ 6134 нафарро ташкил медиҳад. Барои фарогирии ҳарчи бештари онҳо ба таълиму тарбия, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сол ба сол густариш меёбанд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ноҳия 1049 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, дар ноҳия шаклҳои алтернативии таълим ба роҳ монда шуда, дар соли таҳсили 2025-2026 дар назди 44 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак таъсис дода шуд. Дар ин марказҳо шумораи фарогирӣ 895 нафарро ташкил медиҳад. Мувофиқи иттилои мушовири дафтари методии шуъбаи маорифи ноҳия Муллоҳомид Ҳомидов, дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак 86 омӯзгору мураббӣ ба кор ҷалб гардидаанд.

Соли таҳсили 2024-2025 дар ноҳия ҳамагӣ шаш муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият мекард. Соли ҷорӣ шаш муассисаи нави таҳсилоти томактабӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Бо вуҷуди ин, талабот ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ноҳия ҳанӯз ҳам зиёд мебошад. Бинобар ин, бо супориши ҳукумат, дастгирии мақомоти маҳаллӣ, соҳибкорон ва аҳолӣ шумораи чунин муассисаҳо тадриҷан афзоиш меёбад. Дар назар аст, ки боз се муассисаи нави таҳсилоти томактабии давлатӣ ва бори аввал дар ноҳия як кӯдакистони хусусӣ (дар деҳаи Урметан), ки айни замон дар иншооти мазкур корҳои сохтмону таъмир идома дорад, мавриди истифода қарор мегирад.

***

Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 1 ба номи Бибӣ Раҳимова дар маркази ноҳияи Айнӣ дар як бинои дуошёна ҷойгир ва атрофи он бо девор иҳота шудааст. Саҳни ҳавлии кӯдакистон мумфарш, дар як тарафи он дарахтони сояафкан ва мевадиҳанда ба чашм мерасанд. Зимни суҳбат бо сармураббия Шукуфа Шарипова, ки дар муассиса собиқаи корӣ беш аз 25-сола дорад, маълум гашт, ки кӯдакистон соли 1971 ба истифода дода шуд. Ҳоло дар ин ҷо дар шаш гурӯҳи синнусолӣ: ширхӯрон, гурӯҳҳои якуми хурдсолон, дуюми хурдсолон, миёна, калон ва томактабӣ, дар маҷмуъ, 174 нафар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Моҳи июн то август мавсими солимгардонӣ маҳсуб ёфта, дар тамоми муассисаҳои томактабии кишвар вобаста ба он машғулиятҳои тарбияи ҷисмониву мусиқӣ ва чорабиниҳои гуногуни обутобдиҳии бадан, амсоли варзиш, машқи дасту пойҳо дар рег, оббозӣ, бозӣ дар ҳавои кушод, сайру гашт гузаронида мешаванд. Мутаассифона, ҳавзи оббозии кӯдакони муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 1 таъмирталаб буда, бо сабаби набудани оби тоза он аз истифода бозмондааст, рег низ дар гирду атроф нест. Дар баробари ин, дар муассиса аз норасоии оби тоза танқисӣ мекашанд. Дар паҳлуи бино танҳо се айвончаи тобистона ва чор-панҷ оҳани махсуси қадкашӣ (турник) барои бачаҳо мавҷуд буд.

Дар гурӯҳи дуюми хурдсолон (кӯдакони 3-4-сола) машғулияти мусиқӣ мувофиқи нақшаи тасдиқшудаи мавсими солимгардонӣ баргузор шуд. Дар гурӯҳ аз 31 кӯдак 2 нафар ҳузур надоштанд. Дар оғози машғулият мураббия Ҳадябону Содиқбекзода дар бораи одоби муошират ва тарзи салом додан ба кӯдакон маълумот дод. Сипас мавзуи навро, ки шеъри «Яку дую се» ном дошт ба мисраъҳо ҷудо намуда, қироату маънидод ва чаҳор мисраи онро ҳамроҳи кӯдакон такрор кард. Пас, бо саволу ҷавоби кӯтоҳ машғулиятро ҷамъбаст намуд.



Мураббия Ҳадябону Содиқбекзода зимни машғулият аз дастури методии «Мавсими солимгардонӣ дар кӯдакистон» истифода намуд. Ба ғайр аз ин, ӯ дастурҳои дигари методӣ: «Расмкашӣ дар кӯдакистон», «Ғунчаҳои тарона», «Тартибдиҳӣ дар кӯдакистон», «Суробсозӣ дар кӯдакистон»-ро дораду халос. Мавсуф иброз дошт, ки бо сабаби ба дигар номгӯйи дастурҳои методӣ дастрасӣ надоштан, бештар ба шабакаҳои интернетӣ такя ва маълумоти заруриро барои баргузории машғулиятҳояш дарёфт мекунад.

– Ду сол мешавад, ки пас аз хатми Коллеҷи омӯзгории шаҳри Душанбе дар ин ҷо фаъолият мекунам. Дар аввал кор бо кӯдакон душвор буд, аммо оҳиста-оҳиста одат кардам. Кӯшиш мекунам, мавзуъҳои машғулиятҳоям кӯтоҳ бошанду кӯдакон осон қабул намоянд,-қайд кард Ҳ. Содиқбекзода.

Ҳамин тариқ, дар машғулияти мусиқии гурӯҳи миёна (кӯдакони 4-сола) ва калон (кӯдакони 5-сола), ки мураббиён Замира Худойбердиева ва Алмира Бобоева гузарониданд, ҳамроҳи мушовири дафтари методии шуъбаи маорифи ноҳия Муллоҳомид Ҳомидов иштирок ва саволу ҷавоб намуда, ба ин васила, аз сатҳи донишу ҷаҳонбинии кӯдакон огоҳӣ пайдо кардем. Маълум шуд, ки дастпарварони муассиса шеъру суруд ва қиссаву ҳикояҳои зиёд аз бар кардаанд.

Барои ғизои ҳаррӯзаи як кӯдак дар муассиса дар як рӯз 3 сомонӣ масраф мегардад. Саҳар чойю кулчақанд, нисфирӯзӣ аз маҳсулоти донагиву сабзавот омодашуда, бегоҳ ширбиринҷ ё хӯрокҳои ширии дигар ба кӯдакон пешниҳод карда мешавад.

– Таом дар муассиса мувофиқи маблағ ва маҳсулоти харидоришуда омода мегардад. Давоми ҳафта қиммаи гӯшт харидорӣ карда, ду-се рӯз 0,5 килограмм ба хӯрок илова мекунем. Дар рӯзҳои боқимонда ба ҷойи он тухм медиҳем. Солҳои қаблӣ дар мавсими солимгардонӣ аз меваҳои дарахтони муассиса истифода намуда, ҳар гуна шарбату ширинҳо барои кӯдакон омода мекардем. Мутаассифона, имсол бо сабаби боришоти зиёд меваҳо талаф шуданд,-қайд кард ҳамшираи тиб Пайваста Истамқулова.

***

Субҳи барвақт дар муассисаи таҳсилоти томактабии №6-и бо номи «Гулистон»-и деҳаи Сангистон кӯдакон бо шавқи зиёд варзиш намуда, сипас бо як тартиби муайян ба синфхонаҳо даромаданд.

Кӯдакистони мазкур соли 2024 дар заминаи МТМУ №19 таъсис дода шуд. Бинои кӯдакистон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ ва шахсони саховатманди деҳа таъмир гардида, 40 нафар тарбиятгиранда дошт. 11 июни соли 2025 бошад, бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави дуошёна ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавӣ ва ашёи хониш ифтитоҳ гардид. Бино барои 120 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст. Айни ҳол дар он 110 кӯдак дар 4 гурӯҳ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаи таҳсилоти томактабии «Гулистон» дар умум, 16 корманд фаъолият доранд.

Ҳафиза Ашӯрзода – ҳамшираи муассиса ҳамарӯза ҳарорат ва ҳолати тозагии кӯдаконро санҷида, баъдан ба гурӯҳҳо равон мекунад. Ӯ аз моҳи феврал дар инҷо ба кор оғоз карда, ҳангоми ҳарорати баланд ва ё ягон бемории дигар ба кӯдакон ёрии аввалини тиббиро мерасонад.

Мо аз ошхонаи кӯдакистон ба ӯ хатмкардаи Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент буда, 7 сол ҳамчун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ фаъолият кардааст. Инак, соли 2-юм аст, ки дар кӯдакистон ҳамчун мураббия кор мекунад. Ӯ мегӯяд, ки кор бо кӯдакон барояш хеле писанд буда, бо ҳар яки онҳо ҳамчун фарзандонаш муносибат мекунад.

Ҳамин тавр, дар машғулиятҳои давраи солимгардонӣ дар гурӯҳҳо иштирок намудем. Ҳангоми бозгашт дар саҳни ҳавлии муассиса мураббия Наргис Рӯзиеваро бо гурӯҳи кӯдакон вохӯрдем. Тибқи нақша, ӯ бо кӯдакон ба сайругашти табиат баромада буд. Кӯдакон ҳама хушҳолу хандон бармегаштанд. Мураббия ба онҳо дар бораи тоза нигоҳ доштани гирду атроф маълумот медод.

***

Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 7 бо номи «Парасту» соли гузашта дар доираи корҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Зосуни ноҳияи Айнӣ сохта ба истифода дода шуд. Ифтитоҳи иншооти мазкур аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тариқи фосилавӣ сурат гирифт. Бинои кӯдакистон аз як ошёна иборат буда, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, саҳми соҳибкорони ташаббускор ва шахсони саховатпешаи деҳа бунёд ёфтааст. Атрофи бинои муассисаро дарахтони мевадиҳанда сояафкан иҳота кардаанд. Дар кӯдакистон 80 кӯдак дар чаҳор гурӯҳи синнусолӣ ба таълими томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Зимни боздид аз муассисаи навтаъсис як қатор камбудиҳо аён гашт. Масалан, барои баргузории машғулиятҳо танҳо ду гурӯҳи алоҳида муҷаҳҳазонида шудааст халос. Ошхонаи муассиса ба талабот ҷавобгӯ набуда, дар он ҷевону рафҳои дегу табақгузорӣ, яхдон барои нигоҳдории маҳсулоти ғизоӣ мавҷуд нест.

– Бо сабаби сӯрох шудани зарфи обнигоҳдорӣ дар дохили бинои муассиса мушкилии норасоии об мавҷуд аст, ки онро рӯзҳои наздик ҳал мекунем. Дар назар аст, ки дар берун бинои алоҳида сохта, ошхонаро кӯчонем ва ин ҳуҷраро барои машғулиятҳои қисме аз гурӯҳҳо истифода барем,-гуфт мудири кӯдакистон Садафмоҳ Холова.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки барои бозии кӯдакон дар мавсими солимгардонӣ танҳо ду айвончаи бозӣ мавҷуд буда, ҳавзи оббозӣ, ҷойи қуму регбозӣ, ҳуҷраи тиббӣ нест. Аз чаҳор мураббияи кӯдакистон ягон нафарашон соҳибтахассус ё дорои маълумоти олӣ набуда, таҷрибаи кор дар муассисаҳои томактабиро надоранд. Дар кӯдакистон омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ба роҳ монда нашудааст.

– Шуъбаи молияи ноҳия басти воҳидҳои кории сармураббия ё мушовирро бо сабаби афзудани шумораи кӯдакистон дар баъзе муассисаҳо тамоман аз миён бардоштанд. Бинобар ин, дар муассисаҳо бо мутахассисони нав ба кор пардохта касе корбарӣ намекунад. Воҳиди алоҳидаи кории омӯзгорони забони русиву англисӣ низ мавҷуд нест. Мо барои барқарор ва ташкил кардани воҳидҳои кории мазкур ба шуъбаи молия мактуб ирсол намудем ва умедворем, ки камбудиҳои ҷойдошта бартараф мегарданд,-афзуд мушовири дафтари методии шуъбаи маорифи ноҳия М. Ҳомидов.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияи Айнӣ норасоии оби тоза, таҷҳизоти зарурӣ, майдончаҳои бозӣ, ҳавзҳои оббозӣ, дастурҳои методӣ, мутахассисони соҳибтахассус ва омӯзгорони забонҳои хориҷӣ ба сифати таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳалли мушкилоти мавҷуда тавассути беҳтар намудани шароити моддӣ-техникӣ, таҳкими заминаи кадрӣ, афзудани воҳидҳои корӣ ва дастгирии муассисаҳо ба рушди таҳсилоти томактабӣ мусоидат мекунад.

Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»,
Душанбе – Айнӣ – Душанбе

Дар шаҳри Душанбе даври сеюми Форуми марказҳои таҳлилии «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея» баргузор гардид.

ЗАҲМАТҚАРИН

Шараф тоҷи сари ӯст

Ҳар гоҳе ба деҳа меравам, беихтиёр айёми кӯдакиву мактабхониҳо, устодону муаллимони нахустинам ба ёдам мерасанд. Кӯчаҳои дар фасли тобистон пурчангу хок, дар баҳорону тирамоҳ пурлою об ва дар фасли зимистон барфпӯшу яхзадаи деҳа дар навори хотиротам падид меоянд.



Мактаби куҳнаи деҳа, синфхонаҳояш бо деворҳои гилин хеле одиву хоксорона ба назар мерасанд. Вале дар дохили ҳуҷраҳое, ки деворҳояш аз лою гил бунёд шудаанд, фазою муҳити саршор аз маърифат, меҳру шафқат, таълиму тарбия, масъулиятшиносиву нангу ор ва одобу ахлоқи ҳамида ҳукмфармо буд. Ҷойгоҳу мақоми мактаб дар манотиқи рустоӣ, хосса, дар деҳаҳои кӯҳистон чун конуни ниёзу ормонҳо, дари умеди мардум, машваратгоҳ ва даргоҳи ҳаллу фасли ҳамаи мушкилоти аҳли деҳ басо муҳим мебошад. Аз ин даргоҳи маънавӣ ба шарофати заҳмати бедареғи омӯзгорони мушфиқу ғамхор, вале сахтгиру серталаб ба фазои деҳа мавҷи нуру зиё паҳн мегардад ва садои маърифату фарҳанг танин меандозад.

Солҳои мактабхониам (даҳаҳои 60-ум ва 70-уми садаи гузашта) тамоми аҳли ҷомеа, аз деҳқону коргари одӣ, то роҳбарони корхонаю муассисаҳо ва масъулони шаҳру навоҳӣ ба муаллимон эҳтирому самимияти хосса доштанд. Муаллимон гули сари сабади маҳфилу анҷуманҳо буданд ва давлат имтиёзҳои зиёдеро барояшон фароҳам оварда буд. Миёни муаллиму донишомӯз фосилаи эҳтиром ва тарс вуҷуд дошт, яъне, наврасон ва ҷавонони он даврон наметавонистанд аз чорчӯбаи ахлоқу одоб берун по ниҳанд.

Он солҳо агар аз кӯдакони хурдсол ва шогирдони мактаб пурсон мешудед, ки «вақте бузург шудӣ, соҳиби кадом касб мешавӣ», аксаран посух медоданд: -«Муаллим».

Появу асоси ин ангеза аз донишу тачриба, одобу рафтор ва шахсияти худи муаллимон сарчашма мегирифт. Ин андешаҳои худро мехоҳам дар мисоли яке аз устодони овони мактабхониям Муҳаммадмурод Ашӯров тақвият бахшам.

Муҳаммадмурод Ашӯров 23 феврали соли 1946 дар хонаводаи хазинадори колхози ба номи Андреевои шаҳри Ҳисор ба дунё омада, ба камол расид. Падараш Саидниёз Ашӯров марди басо озодаву тамизкор буд ва фарзандонаш, хоса, М. Ашӯров таҳти таъсири хислатҳои ҳамидаи падар қарор гирифта буданд.

Муҳаммадмуроди ҷавон баъди хатми мактабҳои деҳот (мактаби 8-солаи №50-и деҳаи Нилу ва мактаби миёнаи №12-и деҳаи Қипчоқ), соли 1962 ба шуъбаи физикаву риёзии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) пазируфта мешавад.

Дар интихоби тахассус, албатта, кору пешаи падар бароят роҳнамою намунаи ибрат буд. Дар айёми донишҷӯӣ ва дар фаъолияти омӯзгории М. Ашӯров хислату рафтори падар, ба вижа, одобу амал, тозакорию озодагии падарро пайравӣ мекард.

Баъди хатми донишгоҳ (соли 1966) М. Ашӯров бо роҳхати Вазорати маориф то соли 1969 дар мактаби рақами №51-и собиқ ноҳияи Орҷеникидзобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) фаъолият карда, тачрибаи кофӣ мегирад.

Соли 1969 бо далолату хоҳиши падар ва бо пешниҳоди Абдусабур Восиев, дӯсти даврони наврасию ҷавонӣ ва айёми донишҷӯияш, тибқи роҳхати Вазорати маориф ба мактаби зодгоҳи худ, ба мактаби миёнаи рақами 50-и деҳаи Нилуи ноҳияи вақти Ҳисор ба кор меояд.

М. Ашӯров дар канори насли нави муаллимони мактаб А. Восиев, З. Саидов, С. Норов, А. Холов, М. Саидаҳмадов, Н. Этимов ва дигарон бо дастуру роҳнамоиҳои устодони хеш, мудири мактаб Б. Шералиев, муаллимони бузургсол ва куҳнасарбозони Ҷанги дувуми ҷаҳон - Н. Сатторӣ, М. Низомов ва дигар омӯзгорони соҳибтачриба анъанаҳои нек ва муассири таълиму тарбияро такмил дода, донишу маҳорати хешро барои тақвияти савияи донишомӯзии хонандагон ва баланд бардоштани обрӯву ҷойгоҳи мактаби деҳ пурсамар роҳандозӣ мекарданд.

Бо таваҷҷуҳ ба донишу тачрибаи корӣ ва эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ соли 1982 М. Ашӯровро ҷонишини директори мактаб дар бахши таълиму тарбия ва соли 1984 директори мактаб таъйин мекунанд. Ӯ ин масъулияти сангин, аммо пуршарафро то соли 2000-ум содиқона анҷом додааст.

Дар ин давра мактаби рақами 50-и деҳаи Нилу на танҳо дар шаҳри Ҳисор, балки дар миқёси ҷумҳурӣ яке аз фаъолтарин муассисаҳои омӯзишӣ ба шумор мерафт. Шогирдони зиёди ӯ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигари ҷумҳуриҳои пешини Шуравӣ пазируфта шуда, баъд аз хатми мактаб соҳиби ихтисосҳои гуногун гардида, барои пешрафти арсаҳои тавлидот, илм, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои муҳимми ҳаёти кишвар нақши худро мегузоштанд.

Бо талошу кӯшишҳои М. Ашӯров бисёр муаллимони фаъолу соҳибтачрибаи мактаб барои дарёфти нишонҳои «Аълочии маориф», медалу ифтихорномаҳо ва дигар мукофотҳои ифтихорӣ пешниҳод ва соҳиби ин нишону медалҳо шуданд. Хидматҳои шарафмандонаи худи ӯро низ бо нишони «Аълочии маорифи Иттиҳоди Шуравӣ» ва ифтихорномаҳои зиёде қадршиносӣ кардаанд.

Барои мо, хонандагон, рафтор, одобу ахлоқ, шеваи дарсдиҳӣ, наҳваи либоспӯшӣ, муошрату роҳгардии муаллим М. Ашӯров басо писанду ҷолиб ва ибратомӯз буд. Ҳангоми ба дарс даромадан, агар дар рӯйи мизу курсӣ ва тахтаи синф чангу ғубореро мушоҳида мекард, ошуфта мегашт ва ҳамеша шогирдонро ба тозагиву озодагӣ ташвиқу ҳидоят менамуд. Бо тамкин ва оромиши ба худ хос мавзуи дарсро шарҳ медод, роҳи ҳалли муодилаву муаммоҳои риёзиро бо сабку услуби вижа ба хонандагон дақиқу равшан мефаҳмонд. Маҳз ба ин хотир фанни риёзӣ аз дарсҳои дӯстдоштаи мо буд.

Устод М. Ашӯров барои фазилатҳои накуву намунавии омӯзгорӣ ва инсонии худ дар деҳа ва берун аз он мавриди эҳтирому ифтихори мардум қарор дошт. Ӯ дар ҳайати кумитаи маҳалла ҳамроҳи дӯст ва ҳампешаи азизи худ, омӯзгори маъруфи мактаб Абдусабур Восиев барои ободиву шукуфоии деҳа ва зиндагии шоиставу сазовори мардумони он хидматҳои мондагоре анҷом додааст.

Муҳаммадмурод Ашӯров аз рӯзҳои нахустини оғози кор дар мактаби зодгоҳаш бо неруву тавоноии ҷавонӣ дар корҳои ҷамъиятии мактаби деҳа низ хеле фаъол буд. Ӯ дар мактаб маҳфили ҳунарӣ таъсис дода, роҳбарии онро ба дӯши худ гирифт.

Маҳфили таъсисдодаи ӯ дар сарнавишти ояндаи инҷониб нақши калидӣ бозид. Дар чаҳорчӯби фаъолияти ин маҳфил ва намоишҳои таҳиякардаи ӯ «Калтакдорони сурх»-и С. Улуғзода ва «Шабҳои фироқ»-и А. Шукӯҳӣман бо пешниҳоду роҳнамоии устод М. Ашӯров нақшҳои марказиро иҷро кардам ва ба ин васила, ба ҳунари бозигарӣ ё актёрӣ дилбастагӣ пайдо намудам. Ёд дорам, аз пӯстакҳои хона ришу мӯйлаб месохтем ва ҷомаву саллаҳои бобоиро дар иҷрои нақшҳо истифода мебурдем.

Ҳамин тавр, баъди хатми мактаб бо сабаби дар номаи камолам надоштани баҳо аз фанни забони хориҷӣ ҳуҷҷатҳои маро ба факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатӣ напазируфтанд. Он солҳо бо сабаби набудани роҳи мумфарш ва неруи барқ дар деҳаи мо, омӯзгорони забонҳои хориҷӣ ва ҳатто муаллимони забону адабиёти рус набудаанд ва агар бархе барои кор биёянд ҳам, ба шароити сангини кӯҳистон тоб намеоварданд ва зиёд наменонданд. Ман бо даъвату ташаббуси бародари устодам Азизмурод Саидниёзов, ки донишҷӯи Донишкадаи навтаъсиси давлатии санъати Тоҷикистон буд, тақдири худро ба театр ва ҳунари актёрӣ пайвастам...

Имрӯз ҳар гоҳе дар саҳнаи ҳунар ба дастоварде ноил гардам ё ҳаводорони ҳунар бароям каф бизананд ва эҳтиром бигзоранд, беихтиёр устоди нахустинам, роҳбари маҳфили ҳунарӣ М. Ашӯров ва намоишҳои дар мактаб таҳиякардаи ӯ ба хотирам меоянд.

М. Ашӯров на танҳо ҳамчун омӯзгори варзида ва инсони шарифу хайрхоҳ, хоксору нексиришт, балки ҳамчун марди наҷиби хонадор, падари меҳрубону ғамхор дар деҳаи Нилу ва фаротар аз он маъруфу маҳбуб гардидааст.

Мо бо эшон ҳамсоя будем ва ҳамеша медидам, ки устод М. Ашӯров бо ҳамсарашон Муяссара Шарифова (руҳаш шод бод!) чӣ андоза ошиқона, бо меҳру муҳаббати самимӣ зиндагӣ мекарданд. Зиндагии намунавии онҳо, албатта, ба тарбияи ахлоқиву маънавии фарзандон бе таъсир намемонд.

М. Ашӯрови 80-сола дар ҳалқаи 10 фарзанди солеҳ, 40 набераву 10 абераи дӯстрӯ зиндагии босаодат доранд.

Хушбахтиву сарфарозӣ ва ифтихори устод аз он аст, ки бо дасту дили пок, бо садоқату меҳри бепоён, бо масъулияту эҳсоси баланди ватандорӣ барои халқу Ватани азизи хеш хидмат карда, даҳҳо шогирди шоистаро ба камол расондааст, фарзандони некному баномусро тарбия кардааст, ки дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа ба ҳайси устоди донишгоҳ, номзади илм, корофарин, вакили Маҷлиси намояндагони МО ҶТ, раиси ҷамоат ва ғайра босамар фаъолият мекунанд...

Танатон сиҳату умратон дароз бод, устоди азиз, ки шарафу номусро тоҷи сар кардаед.

Ортиқ ҚОДИР,
Ҳунарпешаи халқии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТОЗАНАШР

Нигоҳи нав ба даврабандии адабиёти муосир


ё китоби муҳимми дарсӣ дар таълими таърихи адабиёти тоҷик

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки таърихи адабиёти тоҷик ҳамаҷониба мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирад. Мусаллам аст, ки адабиёти тоҷику форс таърихи пурифтихори чандинҳазорсола дорад. Ҳар қадар ба умқи ин таърих ворид гардем, ҳамон андоза саҳифаҳои тозаву арзишмандро кашф менамоем. Аз ин рӯ, омӯзишу пажуҳишҳои илмӣ дар ин самт пайваста идома дошта, осори муҳимми илмию таълимӣ таълиф мегарданд, ки аз як тараф, дар шинохти амиқи таърихи адабиёт, мазмуну муҳтавои осори гузаштагон ва арзёбии саҳми онҳо дар рушди фарҳанги миллӣ мусоидат намоянд, аз ҷониби дигар, ба такмили адабиётшиносии тоҷик такони ҷиддӣ мебахшанд. Омӯзиши адабиёти давраи нав, ки яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи адабиёти тоҷик ба шумор меравад, беш аз пеш густариш ёфта, дар ин самт корҳои зиёди илмию таълимӣ анҷом пазируфтаанд. Ба ин маънӣ, китоби нави доктори илми филология, академик Муҳаммадюсуф Имомзода ва доктори илми филология Замирахон Ӯлмасова «Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав)» (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни риштаҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Адиб, 2026. – 598 сах.) ба нашр расидааст. Муаллифон масъалаҳои даврабандии адабиёти нави тоҷик, хусусиятҳои асосии он, равишу тамоюлҳои инкишофи адабиёт, заминаҳои ташаккули ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия, намояндагони барҷастаи онҳо, рӯзгор ва осори шоирону нависандагон, инчунин, вижагиҳои осори адибони асри XX ва солҳои соҳибистиқлоли, намунаҳои арзишманди адабии ин даврараро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Пажуҳишгарон зимни таълифи китоб тамоми осори илмӣ ва таҳқиқотиеро, ки то имрӯз дар заминаи таърихи адабиёти нави тоҷик таълиф шудаанд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Дар муқаддима муҳимтарин пажуҳишҳои анҷомёфта оид ба таърихи адабиёт ва дастовардҳои муҳаққиқони тоҷику хориҷӣ таҳлил гардидааст.

Дар китоб пеш аз баррасии фаъолияти эҷодии ҳар як адиб, муаллифон вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи мавриди назар, инчунин, равияҳо ва ҷараёнҳои адабиро таҳлил намудаанд. Аз ҷумла, авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, заминаҳои ташаккул ва такомули адабиёти нави тоҷик дар иртибот бо адабиёти классикии тоҷику форс, адабиёти Шарқ, рус ва Аврупо ҳамаҷониба баррасӣ шуда, даврабандии адабиёти нави тоҷик бо такя ба дидгоҳҳои илмии муосир шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Китоби дарсӣ аз панҷ бахш иборат буда, аз рӯйи марҳалаҳои асосии рушди он даврабандӣ гардидааст. Бахши аввал «Адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидия – охири асри XIX то поёни солҳои бистуми қарни XX», бахши дуюм «Адабиёти Шуравӣ – охири солҳои бистум то поёни солҳои ҳаштодуми асри XX», бахши сеюм «Адабиёти тоҷик дар даврai Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва солҳои баъдиҷангӣ», бахши чорум «Адабиёти тоҷик дар солҳои 60-80-уми қарни XX» ва бахши панҷум «Адабиёти даврони истиқлол – ибтидои солҳои 90-уми асри XX то имрӯз» муҳимтарин равандҳои адабӣ, хусусиятҳои эҷодӣ ва фаъолияти намояндагони барҷастаи ҳар як даврараро дар бар гирифта, таҳаввули адабиёти нави тоҷикро дар робита бо таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба таври мукаммал инъикос менамоянд. Дар маҷмуъ, дар китоб ҳолнома ва эҷодиёти 51 адиби тоҷик мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудааст. Ба андешаи мо, истифодаи он ҳамчун китоби дарсӣ барои донишҷӯёни риштаҳои филологии мактабҳои олӣ аз чанд ҷиҳат муҳим мебошад:



Якум, бори нахуст таърихи адабиёти нави тоҷик дар чунин шакли муназзам, фарогир ва бо такя ба дастовардҳои нави илмӣ барои муҳассилин пешниҳод шудааст. Китоб ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки доир ба марҳалаҳои рушди адабиёти нави тоҷик ва хусусиятҳои эҷодии намояндагони он ба таври мукаммал маълумот пайдо намоянд.

Дуюм, фаъолияти эҷодӣ ва зиндагиномаи адибон дар иртибот бо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як давра таҳлил шудааст. Ин усули таҳқиқ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар баробари омӯзиши адабиёт, аз равандҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии замон низ маълумоти зарурӣ ба даст оваранд ва таъсири онҳоро дар рушди адабиёт дарк кунанд.

Сеюм, китоб бо баёни маълумоти умумӣ маҳдуд намешавад, балки масъалаҳои мавриди назар аз ҷониби муаллифон бо таҳлили амиқи илмӣ ва эҷодиёти адибон баррасӣ шуда, онҳо кӯшиш намудаанд, ки бо такя ба сарчашмаҳои муътамад ва натиҷаҳои пажуҳишҳои тоза, маълумоти саҳеҳ, дақиқ ва мукаммалро оид ба адабиёти нави тоҷик дар ихтиёри муҳассилин қарор диҳанд.

Яке аз бартариҳои муҳимми китоб, рӯйхати фарогири адабиёти истифодашуда мебошад. Ин рӯйхат барои донишҷӯёну муҳаққиқон ҳамчун роҳнамои илмӣ ҳидмат намуда, имкон медиҳад, бо осори муҳаққиқоне, ки дар таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик саҳм гузоштаанд, шинос гардида, доираи мутолиаи худро густариш бахшанд.

Дар маҷмуъ, китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав)» ҳамчун дастури арзишманди илмӣ ва таълимӣ метавонад барои донишҷӯён, магистрантон, докторантон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муҳаққиқони соҳаи филология ва алоқамандони каломи бадеъ манбаи муфид ва боэътимоди омӯзиш бошад.

Н. ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»

Аз 1 то 10 июл даври асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ баргузор мегардад.

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Тамоми Тоҷикистонро парастам!

Китоби нави шоири хушсалиқа Иброҳими Наққош «Нақши дигар» ном гирифтааст (Душанбе: «Адиб», 2026).

Китоб аз 256 саҳифа иборат буда, ба он адабиётшиноси шинохта Алии Муҳаммадии Хуросонӣ сарсухан навиштаасат.

Қисмати якуми китоб «Биё, шукри Ватан созему Ваҳдат» ном дорад, ки иборат аз 44 шеър аст. Ин шеърҳо дар мавзуъҳои модар – Ватан, қадри обу хоки Тоҷикистони азиз, ваҳдату сарҷамъӣ, сулҳу оштӣ, ҷавонмардӣ ва эҳсон, ишқ ва табиати зебои диёр эҷод шудаанд.

Шеъри аввали ин қисмати китоб ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст ва хеле самимист:

Сарвари некахтаред, эй Пешво,
Ин Ватанро раҳбаред, эй Пешво!
Тоҷикистонро ҳама олам шинохт,
Баҳри мо бахтоваред, эй Пешво!

Иброҳими Наққош аз сулҳу ваҳдати Ватани хеш меболад, шукри ободию осудагӣ мекунад ва бо ифтихор дар шеъри «Биё, шукри Ватан созему ваҳдат» мегӯяд:

Садои хандаи тифли дабистон,
Нишон аз сулҳу ваҳдат медиҳад боз.
Самои бегубори Тоҷикистон
Хабар аз иззу нусрат медиҳад боз.
Суруди сулҳро созад тараннум,
Миёни кӯҳ оби чашмасораш.
Ҳамовозаш бувад доим ба шодӣ,
Нишаста мурғак андар шохсораш.

Наққош дар шеърҳои «Фарри каёни тоҷикон», «Азиз аст», «Шаҳри ҳунарварон», «Қасидаи дониш», «Барои ман азиз аст» ва ғайраҳо муҳаббати самимии хешро ба хоки аҷдодӣ дар қолаби шеъри баланд баён кардааст, ки хонандаро ба ваҷд меоварад.

Намунае аз шеъри «Азиз аст»:

Бару буми ниёгонро парастам,
Нишони Оли Сомонро парастам.
Зи Ворух то ба ҳадди Панҷу Ванҷаш,
Зарафшону Бадахшонро парастам.
Душанбею Ҳисори Шодмонро,
Замини Сугду Хатлонро парастам…

Шоир бо ифтихор аз соҳиби ору номус будани миллати сарбаланди худ ёдовар мешавад ва аскарону афсарони Ватанро бақои мулки азизамон мешуморад:

Бақои Тоҷикистон дар кафи ту,
Далеру қаҳрамонӣ, хуш ба ҳолат.
Бару буми Ватан обод аз ту,
Амониро замонӣ, хуш ба ҳолат.

Ҳамин тариқ, эҷодкор дар шеърҳои дигари ин қисмат муҳаббати худро ба халқу диёр ва модару фарҳанги мондагори миллат самимона баён кардааст.

Наққош дар васфи модар низ ашъори самимию пурмеҳр сурудааст, ки яке аз онҳо «Қадри модар» ном дорад ва хеле пурҳикмат мебошад…

«Садои хуфта» номгузорӣ шудааст қисмати дуюми китоб, вале хонанда дар он садои бедориро бараъло ҳис мекунад. Ин қисмат фарогири 137 ғазал аст. Донишманди фақид Абдуманнони Насриддин ба маҳорати ғазалнависии Иброҳими Наққош баҳои баланд дода, таъкид карда буд, ки ӯ аз мактаби Бедили ширинкалом баҳра бурдааст. Ғазалҳои Наққош саршори санъатҳои бадеӣ буда, аз чашмасори олами ирфон баҳрабаранд.

Инак чанд пора аз ду ғазали шоир:

Дӯстон дар қони ҳам афтода чун агёрҳо,
Сояи ҳамро тарошанд аз дару деворҳо.
«Дӯстони кӯчагиро, эй писар, маҳрам макун»,-
Ёд дорам ин насиҳат аз падар бисёрҳо.
Панҷа бо аҳли ҳамоқат кардан аз идрок нест,
Мегурезанд аз саги девона дар бозорҳо.

Ойинаи мо нақши муаммо ба ҳаё баст,
Меъроҷи фалак шабнами моро сару по баст.
То он ки раҳем аз хатари даҳру малолаш,
Бояд раҳи андешаи тазвиру хато баст.
Дар мамлакати бесарупоён хатаре нест,
Ҷуз нақши ҷабине, ки раҳи сидқу сафо баст.
Шодоб набояд шудан аз тӯли амалҳо,
Афсӯси ҳубобе, ки иқомат ба ҳаво баст.

Эй бехабарон, аз дари инсоф мачӯед,
Ризқе, ки тавонад ҳадафи тири дуо баст.
Наққош, зи Бедил шунав ин маънии ҳастӣ:
«Дил қобили он нест, ки бояд ҳама ҷо баст!»

Наққош дар баробари мавзуи ишқ дар ғазалҳои равони хеш мавзуъҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ахлоқиро бомаҳорат истифода бурдааст. Албатта, дар як мақолаи кӯтоҳ тафсир бахшидан ба додани вижагиҳои ғазалҳои ӯ нисбат ба ғазалҳои дигарон имкон надорад…

Қисмати сеюми китобро «Рубоӣ ва дубайтиҳо» фарогиранд ва дар ин қисмат 97 рубоӣ ва 14 дубайтӣ ҷой дода шудааст.

Сарчашмаи айшу шодмонӣ Ватан аст,
Сармояи бахту зиндагонӣ Ватан аст.
Фирдавси барини ҷовидонӣ Ватан аст,
Як ҳарфи хуше, агар бидонӣ, Ватан аст.

Оре, Ватан муқаддастарин калом аст. Шоир дар рубоиёт ва дубайтиҳояш кӯшидааст, ки аз такрор ва ҳарфҳои обшуста худдорӣ намояд.

Аҳли намаку сипос бояд будан,
Пок аз ҳасаду қиёс бояд будан.
Динору ҷаҳоншиносият коре нест,
Озоду ватаншинос бояд будан.

Наққош дар ситоиши Ватану ваҳдат бо меҳр сухан мегӯяд ва ба душманони миллат нафрат мехонад.

Эй миллати ман, дуруди хосу омат
Аз Рустаму Ҷамшед расад бар номат.
Наврӯзи ту гулфишону парафшон бод
Он парчами сулҳу Ваҳдат андар бомат.
Эй миллати ман, зи дур ояд номат,
Аз Сугди куҳан ба мо расад пайгомат.
Хушгӯи туро ба ком бодо шаккар,
Хокаш ба даҳан, он ки кунад дашномат!

Дубайтиҳои шоир низ хеле самимона суруда шудаанд ва аз мутолиаи онҳо дил ба фараҳ меояд.

Сафар кардам, хаёлат ҳамраҳам буд,
Ба дил нақши ҷамолат ҳамраҳам буд.
Ба зери по агар буд хори ҳичрон,
Ба лаб шаҳди висолат ҳамраҳам буд.
Биё, тарзи баёнро тоҷикӣ кун,
Дилу рою забонро тоҷикӣ кун.
Бақои миллат аз урфу забон аст,
Ҳаёти ҷовидонро тоҷикӣ кун!

Қисмати охирин маҷмуа «Ман шӯхам андак» ном гирифтааст аз 34 шеър иборат аст ва ин шеърҳо барои кӯдакон гуфта шудаанд. Шеърҳои бачагонаи шоир хеле дилчаспу гувороянд. Шоири маъруф Ато Мирҳоҷа дар бораи шеърҳои бачагонаи Наққош чунин мегӯяд: «Ин шеърҳо ба диду завқи кӯдакон мувофиқанд: яъне, аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва ширинии баён бархурдоранд. Бахусус, истифода аз санъати акс ду шеъри ин китобчаро «Мешавад хушбӯ» ва «Устои гулдаст» вижагии махсус бахшида, дар шеърҳое, чун «Нахӯрдаам об», «Кенгуру», «Гиря» ва амсоли онҳо мантиқи андешаронии кӯдакон ниҳоят зебову дилангез тасвир ёфтаанд».

Дар шеъри «Пиёла қандамро хӯрд» ҳолати як тифли ҳайратзада хеле ҷолиб тасвир шудааст:

Қанде андохта Бону
Дар пиёлаи чояш,
Баҳри нон овардан рафт
Аз барои додояш.
Дар набудани Бону
Дар чойи гарму сӯзон
Ҳал гашта қанди сафед,
Аз дидаҳо шуд пинҳон.
Оварда нонро Бону,
Қандаш надида пурсид:
– Пиёла қандамро хӯрд,
Додо, чаро надидед?

Шоири соҳибистеъдоду тозагӯй Иброҳими Наққош барои маҷмуаи хеле пурбори хеш «Нақши дигар» ба дарёфти Ҷоизаи вилоятии ба номи Камоли Хуҷандӣ пешниҳод гардидааст. Ӯ ҳамчун шоири заҳматкашу пуркор, бешубҳа, сазовори ин ҷоизаи бонуфузи вилояти Суғд мебошад.

Исмоил ЗАРИФӢ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №25-и шаҳри Панҷакент

ЧАШМАНДОЗ



МАОРИФИ ҶАҲОН

Қазоқистон

Қазоқистон имрӯз яке аз кишварҳои фаъол дар навсозии низоми маориф ба ҳисоб меравад. Солҳои охир дар мактабҳо ва донишгоҳҳои ин мамлкат истифодаи технологияҳои рақамӣ васеъ гардидааст. Дар аксари муассисаҳо китобҳои электронӣ ва платформаҳои омӯзишии онлайнӣ истифода мешаванд. Ҳукумати мамлакат барои омода намудани омӯзгорони ин соҳа барномаҳои махсусро роҳандозӣ кардааст.

Дар як қатор мактабҳо синфхонаҳо барои омӯзиши барномасозӣ ташкил шуда, ба рушди фанҳои STEM аҳаммияти махсус дода мешавад.

Того

Дар Того аз сабаби хуб набудани вазъи зиндагии мардум дар баъзе минтақаҳо кӯдакон таҳсилро тарк мекунанд. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ ҷалби бештари кӯдакон ба таҳсил мебошад. Дар солҳои охир сохтмони мактабҳои нав дар манотиқи дурдасти мамлакат афзоиш ёфтааст. Давлат барои оилаҳои камбизоат барномаҳои дастгирӣ ҷорӣ намуда, дар деҳот ба хонандагон ғизои ройгони мактабӣ пешниҳод мекунад.

Белгия

Таҳсил дар Белгия бо якчанд забон амалӣ мегардад. Дар ин мамлакат минтақаҳои фламандӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ низоми таълимии худро доранд. Аз ин рӯ, барномаҳои таълимӣ дар саросари кишвар якхела нестанд. Хонандагон аз синни хурдӣ бо муҳити бисёрзабона шинос мешаванд, чунки дар муассисаҳои таълимӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳаммияти зиёд дода мешавад. Аксари донишомӯзони белгиягӣ дар давари таҳсил 2-3 забонро аз худ мекунанд.

Эрон

Дар Эрон таҳсили донишҷӯёни хориҷӣ тавассути низоми махсуси қабули байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст. Барои сабти ном ва гирифтани маълумот дар бораи донишгоҳҳо платформаҳои давлатӣ фаъолият мекунанд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат тақрибан 60 ҳазор донишҷӯи хориҷӣ таҳсил мекунад.

Забони асосии таълим дар аксари донишгоҳҳо форсӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб, донишҷӯёни хориҷӣ пеш аз оғози таҳсил курси омӯзиши забони форсиро мегузаранд.

Бруней

Дар Бруней барои шаҳрвандон имкониятҳои хуби таълимӣ фароҳам оварда шудааст. Таҳсил дар ин кишвар одатан аз 5-солагӣ оғоз шуда, кӯдаконро барои мактаби ибтидоӣ омода мекунанд. Таҳсилоти ибтидоӣ тақрибан 6 сол давом карда, дар ин давра ба кӯдакон малакаҳои асосӣ, аз қабили хондан, навиштан, математика ва забонҳои хориҷӣ омӯзонида мешаванд. Баъд аз ин, таҳсилоти миёна оғоз мешавад, ки аз якчанд зина иборат аст. Дар ин давраи таҳсил донишомӯзон самти таҳсили худро дар муассисаҳои олии касбӣ интихоб мекунанд.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

ТАВАҶҶУҲ

ЭЪЛОН

Муассисаи нашриявии «Адиб» бо мақсади баланд бардоштани сифати чопи китобҳо ва бо нархҳои дастрас интишор намудани китобҳои бадеӣ барои соли 2026 дар доираи амалисозии «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» барои ноширон озмун эълон менамояд.

Довталабони озмун ҳуҷҷатҳои заруриро аз Муассисаи нашриявии «Адиб» дастрас карда метавонанд.

Муҳлати қабули дархостҳо то 6 июли соли 2026.

Телефонҳо барои тамос: 233-01-83, 233-93-97.

НАЗМ

ИФТИХОР

Ваҳдатистон шуд диёри тоҷикон-
Кишвари озодаю сулҳошён.
Гашта истиқлол ин ҷо устувор,
Зиндагӣ саршор аз авҷу барор.

Тоҷикистон – кишвари бахтофарин,
Мулки ҳуснобод дар рӯйи замин.
Мо, ҳама, хушрӯзгору хушниҳод,
Ҷашни истиқлоли мо поянда бод!

Абдулло ШАРИФЗОДА,
омӯзгори МТМУ №10-и ноҳияи Айнӣ

Форуми XI байналмилалии фарҳангию маърифатии «Кӯдакони Иттиҳод» дар Тоҷикистон баргузор шуд.

Макун айби касон, то метавонӣ,
Ки ту, эй дӯст, айби худ надонӣ.
Носири Хусрав

ШАМЪИ ХОТИРА

Ёди ту чароғест...

Ба тифле, ки надида навҷавонӣ,
гиряму гирям,
Ба ёди рафтагони ормонӣ,
гиряму гирям.
Зи пурборӣ агар шохи дарахте
бишканад, гам нест,
Вале чун бишканад умри ҷавонӣ,
гиряму гирям.

Оре, ҳақ ба ҷониби муаллифи ин сатрҳо, Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб аст. Канда шудани риштаи умри ҷавоне қомати ҳамаро хам, дилҳоро реш ва қалбҳоро парешон месозад. Ин ҷо сухан дар бораи рӯзноманигоре меравад, ки умри хешро дар ҷавонӣ аз даст додааст.

Вой аз он нахли ҷавоне,
ки ҷавон мегузарад,
Бин, ки ҷон мегузарад,
Нола хезад зи дилам, бин,
ки ҷаҳон мегузарад
Бин, ки ҷон мегузарад.

Ҳафтоду чор сол муқаддам дар хонаводаи амаки Дӯстмуҳаммад тифли хандонрӯе ба дунё омад, ки ба ӯ Ҷумъа ном гузоштанд.

Ҷумъа ба мактаби 8-солаи деҳа қабул гардид. Мактабро хатм намуд ва муддате дар ҳамон мактаб китобдор буд. Соли 1969 ба шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардид. Бо дониши баланди худ байни донишҷӯён соҳибэҳтиром буд. Гоҳ-гоҳ машқи шеър ҳам мекард. Аз чакидаҳои хомааш зебоиҳои диёр, меҳри Ватан, эҳтироми падару модар ишқи ҷавонӣ эҳсос мегардид:

Боз борони баҳорон мезанад
Бар дӯши ман.
Сози борони баҳорон
Боз чун сози ҷудоӣ мерасад
Бар гӯши ман.

Ин мисраъҳои дили ӯст. Мисраъҳои дили дардошною ҳассос ва саропо меҳру муҳаббат.

24-уми ноябри соли 1986, баъд аз тӯйи фарзандон, озими шаҳри Душанбе гардид. Он рӯзи наҳси ҳавои поиз сард буд. Мехост ба Душанбе равад. Раҳорах орзуву ниятҳои зебое дошт...

Рӯди Зарафшонро месутуд, аммо хабаре надошт, ки ин рӯд рӯзе ӯро ба коми хеш мекашад, бо аҳли байташ.

Гарчи Ҷумъа Дӯст бо мо нест, ёди ӯ дар дилу дидаи мост. Ҷумъа худ чунин гуфтааст ин лаҳзаро:

Номи ту бувад фасонаи маҳфили мо,
Ёди ту чарогест дар ин манзили мо.
Ҳарчанд ки аз тоқи баланд афтодӣ,
То ҳашр бимонӣ дар равоқи дили мо.

Шеърҳои Ҷумъа Дӯстро мехонем, ҳар порчаи шеъри ӯ мафҳуми баландеро дорост, дар руху равони хонанда гӯё ҷони тозае ворид месозад. Вай ҳамагӣ 35 сол дошт, дар айни камолоти ҷавонӣ ва эҷодӣ буд. Дар Душанбешаҳр нав соҳиби хона гашта, баҳри орзуҳои дилаш фурсат ёфта буд...

Фурқат ҲУСЕЙНЗОДА,
омӯзгори МТМУ №24-и ноҳияи Айнӣ,
Фурӯзанда ҲУСЕЙНЗОДА,
рӯзноманигор

ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА

Фароғатгоҳи мактабиён

Фаъолияти басти аввали истироҳатгоҳи Маркази солимгардонии Суғд оғоз ёфт.

Дар истироҳатгоҳи Маркази солимгардонии Суғд тамоми шароит муҳайё буда, барои нигоҳубини истироҳаткунандагон-хонандагони таълимгоҳҳо мураббиёни ботаҷриба ҷалб шудаанд.

Дар басти аввали истироҳатгоҳи Маркази солимгардонии Суғд 232 нафар кӯдаку наврас ва 10 нафар тарбиятгирандаи мактаб-интернати шаҳри Бӯстон аз тарафи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд ба истироҳату фароғат ҷалб гардидаанд.

Маркази солимгардонии Суғд дар мувозинаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд қарор дорад ва дар давоми чанд соли охир бо дастгирии ташкилотҳои ҳудудии соҳа бештар ободу зебо гардида истодааст. Истироҳатгоҳ дорои майдончаҳои варзишии замонавии футбол ва волейбол, амфитеатр барои чорабиниҳои фарҳангӣ, китобхона, синфхонаи компютерӣ мебошад.

Дар истироҳатгоҳ ташкили бозиҳои гуногуни миллӣ, мусобиқаҳои шашкаю шоҳмот, тенниси рӯйи миз, волейболу футбол ба роҳ монда шудааст. Инчунин, маҳфилҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили ҳунарҳои дастӣ, кашидадӯзӣ, рассомӣ амал мекунанд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2026» басти якуми истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Бободархон»-и ноҳияи Ашт оғоз гардид.

Истироҳат дар «Бободархон»

Истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Бободархон» барои қабули кӯдакону наврасон ҳамаҷониба омода гардида, барои истироҳати босифат ва бехатари онҳо шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст. Дар давоми баст барои истироҳаткунандагон баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ-маърифатӣ, озмунҳои зеҳнӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, маҳфилҳои эҷодӣ, суҳбату вохӯриҳои тарбиявӣ ва дигар барномаҳои фароғатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳадафи асосии фаъолияти истироҳатгоҳ таъмини истироҳати солим, таҳкими дӯстиву рафоқат миёни наврасон, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва омодасозии насли наврас ба зиндагии мустақил мебошад.

Боиси қаноатмандист, ки ҳамасола садҳо нафар хонандаи муассисаҳои таълимии ноҳия дар истироҳатгоҳи «Бободархон» ба истироҳату фароғат фаро гирифта шуда, бо таассуроти нек ва хотираҳои рангин ба назди волидон ва ҳамсабақони худ бармегарданд.



Макони солимгардонӣ ва нишоту шодӣ

Бо фаро расидани мавсими таътили тобистона дар назди муассисаҳои таълимӣ истироҳатгоҳҳои рӯзона фаъолияти худро оғоз намуда, барои кӯдакону наврасон шароити мусоиди истироҳат, омӯзиш ва фароғатро фароҳам меоранд.Истироҳатгоҳи солимгардонии наздимуассисавӣ дар 13 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 524 нафар дар шаҳри Гулистон дар басти аввал фаъолияти худро расман оғоз намуда, хонандагон бо рӯҳияи болида ва шавқу завқи зиёд дар чорабиниҳо ва машғулиятҳои гуногун иштирок намуда, таътили худро хотирмон сипарӣ мекунанд.

Дар доираи фаъолияти истироҳатгоҳҳо машғулиятҳои эҷодӣ, расмкашӣ, корҳои дастӣ, бозиҳои зеҳнӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, озмунҳои шавқовар ва суҳбатҳои тарбиявӣ баргузор гардида, барои рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон мусоидат менамоянд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

САЙҚАЛИ ЗЕҲН


МУАММОИ «БАРНО»

Аз боло ба поён:

2. Паранда. 3. Гул. 4. Равон, хеле тоза. 5. ***и Тӯсӣ, шоири адабиёти классикии тоҷику форс. 6. «Хабар доред, оё ҳазрати Лоиқ, Ба *** об кӯбидед» (Лоиқ). 8. Повести Садриддин Айнӣ. 9. Қишлоқ, деҳа. 12. Дарахти ҳамешасабз. 13. Исми маъмули мардона.

Аз чап ба рост:

1. Вожаи «курсӣ»-ро дар Эрон гӯянд. 4. Моҳиро ҳамин тавр ҳам меноманд. 7. Зодгоҳи Муҳаммад Иқбол. 10. ***они адабиёти классикии форсу тоҷик. 11. Як навъи паранда. 14. Бозор ***, муаллифи маҷмуаи «Офтобниҳол». 15. Муқобилмаънои вожаи «пир». 16. Навбахтиву ***, навхона муборак бод! (Лоиқ).



Муратгиб Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Ҷавоби муаммои «Осоиш» («Омӯзгор», №25, 25.06.2026)

Аз чап ба рост:
1. Самбо. 3. Гавак. 5. Мирзо. 7. Тобиш. 8. Аскар. 9. Сомон. 11. Волга. 13. Норин. 14. Акула. 16. Рутба. 17. Архар. 18. Салом. 20. Нишон. 22. Лазиз. 23. Регар. 24. Меҳан.

Аз боло ба поён:
1. Сурат. 2. Осоиш. 3. Гурза. 4. Камар. 5. Мизон. 6. Осмон. 9. Сапёр. 10. Норка. 11. Висла. 12. Аскар. 14. Абсол. 15. Арзиз. 18. Саҳар. 19. Мазор. 20. Низом. 21. Нагун.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №1527555, ки онро соли 2023 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансур ба Бибисунаҳвари Мизробҷон додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44645 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ҳ. Ҳомидзода